# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 1, январ – март 2023**

Душанбе-2023

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

Исполнитель:

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

**Сармуҳаррир –** Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

**Лутфуллозода Ш.–** муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Исҳоқӣ А.Н. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Раҳмонзода С.С. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ

**Ализода Ш.Ш. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳаким Р.А. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Азиззода З.Н. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тағозода А.С. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳакимзода С.А. –** котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Пӯлодӣ М.К. –** судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУНДАРИЧА

**Ҷамъбасти**
таҷрибаи судии парвандаҳо
вобаста ба баррасии ҷиноятҳои
хусусияти коррупсионидошта................................................5

**Ҷамъбасти**
амалияи судии баррасии парвандаҳои
ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила...................................33

**Ҷамъбасти**
сабабҳои тағйирёбӣ ва бекоршавии
санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои
оилавӣ дар соли 2022..........................................................58

# ҶАМЪБАСТИ
## тачрибаи судии парвандаҳо вобаста ба баррасии чиноятҳои хусусияти коррупсионидошта

Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳон ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи ичтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст.

Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат ба коррупсия гардида, дар сатҳи миллию байналмилалӣ тадбирҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқиро бобати пешгирии коррупсия андешида истодааст.

Вобаста ба ин, дар самти мубориза бар зидди коррупсия маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуда, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул дода шуд.

Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714 дар таҳрири нав қабул гардид, ки асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона мебошад.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баҳри дар амал татбиқ намудани омилҳои пешгирикунандаи коррупсия мунтазам тадбирҳои дахлдорро ба роҳ монда, бо мақсади дурусту якхела татбиқ намудани қонунгузории марбут ба мубориза бо коррупсия қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тачрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва

ришвадиҳии тиҷоратӣ» қабул карда шуда,таҷрибаи тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ доир ба ҷиноятҳои мазкур мунтазам мавриди омӯзиш ва ҷамъбаст қарор дода шуда, камбудиҳои ҷойдоша ошкор ва барои бартараф намудани онҳо ва тақвият бахшидани пешгирии коррупсия чораандешӣ карда мешавад.

Дар ин раванд, ҷиҳати амалӣ намудани банди 14 Нақшаи кори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2022 аз ҷониби коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таҷрибаи судии парвандаҳо вобаста ба баррасии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, мавриди омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбаст қарор дода шуд.

Дар ин раванд, 326 парванда дар 483 ҷилд, ки тайи соли 2021 дар судҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд, ба ҷамъбаст фаро гирифта шуданд.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо барои пурра ва ҳаматарафа тафтиш ва баррасӣ кардани парвандаҳои мазкур муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, тавзеҳоти қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба ин мавзӯъ риоя намуда, қарорҳои ҷавобгӯи қонун қабул кардаанд.

Дар баробари ин, зимни ҷамъбастӣ ҳолатҳое ошкор шуданд, ки аз нодуруст татбиқ шудани қонуни ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ, яктарафагии тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ, риоя нашудани талаботи қонун ҳангоми ба тасвиб расонидани қарорҳои тафтишотиву судӣ ва протоколҳои маҷлиси судӣ, вайрон кардани муҳлати ба иҷро нигаронидани санадҳои судӣ шаҳодат медиҳанд, чунончӣ:

мутобиқи моддаи 250 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз тасдиқ кардани фикри айбдоркунӣ прокурор ба

айбдоршаванда ва дар ҳолатҳои бо сархати шашуми қисми 1 моддаи 248 Кодекси мазкур пешбининамуда, ба ҳимоятгар супоридани нусхаи фикри айбдоркунӣ ва замимаи онро таъмин мекунад.

Дар робита ба ин дар моддаи 300 Кодекси мазкур муқаррар гардидааст, ки муҳокимаи судиро дар муҳлати на пештар аз се шабонарӯз аз рӯзи супоридани фикри айбдоркунӣ сар кардан мумкин нест.

* Омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ҳ.Т.Т. бо моддаи 247 қисми 2 бандҳои «б, в, г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки бо забонхат нусхаи фикри айбдорӣ аз ҷониби муфаттиши калони раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба айбдоршаванда супорида шудааст, вале дар забонхат санаи супоридани фикри айбдорӣ нишон дода нашудааст, ки ҳолати мазкур мутобиқи талаботи моддаи 300 КМҶ метавонад ба сар кардани муҳокимаи судӣ мамоният пеш биёрад.

Баррасии парвандаи мазкур 19 феврали соли 2021 дар суди ноҳияи С. оғоз гардида, дар протоколи маҷлиси судӣ қайд шудааст, ки судшаванда фикри айбдориро 22 январи соли 2021 гирифтааст, аммо дар протокол дарҷ карда нашудааст, ки ин ҳолатро суд бо кадом тартиб муайян кардааст.

Суди марҳилаи якум дар қисми асоснокkунии ҳукм қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 аз 25 июни соли 2005 «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ»-ро ба асос гирифта, дар баробари ин тағийру иловаҳо бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011 таҳти №2ба қарори мазкур воридшударо нишон надода, онро мадди назар кардааст.

Ба ҳамин монанд, суд қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №11 аз 29 майи соли 2003 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъин намудани ҷазоҳои иловагӣ»-ро дастрас карда, аммо тағйиру иловаҳои бо қарори Пленум аз 23 июни соли 2010 №20 воридгардидаро нишон надодааст.

* Доир ба парвандаи ҷиноятӣ нисбати Р.Н.С. бо моддаи 247 қисми 2 бандҳои «в, г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муфаттиши раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи фикри айбдориро ба айбдоршаванда супоридааст, лекин дар забонхат санаи супоридани фикри айбдориро нишон надодааст.

Мутобиқи моддаи 300 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон раисикунанда шахсияти судшаванда, ном, номи падар, насаб, сол, моҳ, рӯз ва ҷои таваллуд, донистани забоне, ки бо он пешбурди парванда гузаронида мешавад, инчунин ҷои истиқомат, машғулият, таҳсилот, вазъи оилавӣ ва дигар маълумотро, ки ба шахсияти ӯ алоқаманд аст, пурсида муайян мекунад. Сипас раисикунанда муайян мекунад, ки оё ба судшаванда нусхаи фикри айбдоркунӣ супурда шудааст ва кай ин кор анҷом дода шудааст. Муҳокимаи судиро дар муҳлати на пештар аз се шабонарӯз аз рӯзи супоридани фикри айбдоркунӣ ё қарори мақомоти таҳқиқ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ сар кардан мумкин нест.

Тавре аз протоколи маҷлиси судӣ аз 29 июни соли 2021 дида мешавад, дар суди ноҳияи С. зимни баррасии парвандаи ҷиноятӣ ин талаботи қонун риоя нагардида, дар кадом рӯз супорида шудани нусхаи фикри айбдорӣ ба судшаванда муайян карда нашуда, дар протокол қайд нагардидааст.

Дар қисми шашуми моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» муқаррар карда шудааст, ки ҳангоми қабул шудан ба хизмат корманди милитсия савганд ёд мекунад.

Аз маводи парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, ки маҳкумшуда Р.Н.С. дар вазифаи Бозраси калони давлатии автомобилии Шуъбаи бозрасии давлатии автомобилии Раёсати вазорати корҳои дохилӣ дар рутбаи майори милитсия фаъолият ва ҷиноят содир кардааст.

Вобаста ба ин дар банди «и» қисми 1 моддаи 62 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки ҷиноят содир намудани шахс, ки бо рафтори худ савганди ёдкардаашро вайрон намудааст, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо дониста мешавад.

Суди марҳилаи якум бошад, ҳангоми таъини ҷазо ин талаботи қонунро мадди назар намуда, дар қисми асосноккунии ҳукм қайд намудааст, ки мувофиқи моддаи 62 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои вазнинкунадаи ҷазо дар кирдори судшаванда Р.Н.С. дида намешавад ва бо ин ҳолати аз ҷониби маҳкумшуда бо вайрон кардани савганди касбӣ содир намудани ҷиноятро мавриди таҳқиқ ва муҳокима қарор надодааст.

Зиёда аз ин, бо ҳукми суд аз 2 июли соли 2021 нисбати Р.Н.С. ҷазои ҷарима ба андозаи чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 24000 сомонӣ ба фоидаи давлат, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи фаъолият дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муҳлати ду сол таъин карда шудааст.

Аммо дар маводи парванда дар хусуси барои иҷро ирсол кардани ҷазои иловагӣ ҳуҷҷат дида намешавад ва ғайр аз ин, маҳкумшуда ҷиҳати иҷрои ҷазои асосӣ бо расид аз 15 июли соли 2021 маблағи 1000 сомониро ба фоидаи

давлат пардохт намуда, дар хусуси иҷрои ҷазои боқимонда далел ҷой надорад.

* Бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Г.В.А. бо моддаи 247 қисми 2 бандҳои «в, г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нусхаи фикри айборӣ ба айбдоршаванда супорида шуда, вале санаи гирифтанаш гузошта нашудааст.

Парвандаи мазкур рӯзи 15 июли соли 2021 дар суди ноҳияи С. баррасӣ гардида, дар протоколи маҷлиси судӣ котиб қайд намудааст, ки ҷабрдида Ш.З.М. ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудаст ва раискунанда дар ин хусус фикри прокурорро пурсида, таъин намудааст, ки нишондоди ҷабрдида Н.А.С. хонда, эълон карда шавад. Сипас, раисикунанда нишондоди дар рафти тафтишоти пешакӣ додаи ҷабрдида Н.А.С.-ро хонда, эълон кардааст (бо парвандаи бошад ҷабрдида Ш.З.М. мебошад).

Баъд аз ин, дар протокол қайд шудааст, ки «Судшаванда Ҳ.Н.: Нишондоди ҷабрдида Ш.З.М. ҳозирнашуда шунидам тасдиқ мекунам». Бо парванда бошад судшаванда Г.В.А. мебошад.

Зиёда аз ин, мутобиқи қисми 2 моддаи 46 Кодекси ҷиноятӣ ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ,ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад.

Яке аз омилҳои пешгирикунандаи содиршавии ҷиноятҳои нав ин бо роҳи баровардани таъиноти хусусӣ ҷиҳати андешидани тадбирҳо бобати дар идораву корхонаҳо баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон ба ҳисоб меравад.

Тавре аз ҳукми суд бармеояд, маҳкум Г.В.А дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар вазифаи иҷрокунандаи мудири бахш фаъолият карда, бо истифода аз мақоми хизматӣ барои бидуни таҳсил додани шаҳодатномаҳои малакаи касбии

«Сантехник», «Кафшергари газу барқ» ва «Таъмиргари авбомобилҳо»аз шаҳрвандон маблағи пулӣ талаб карда гирифтааст.

Вале суди марҳилаи якум масъалаи барои андешидани чораҳои пешгирикунандаи содиршавии ҷиноят дар Муассисаи зикргардида дар асоси моддаи 35 КМҶ қабул кардани таъиноти хусусиро муҳокима накардааст.

Суди марҳилаи якум бо ҳукм аз 15 июли соли 2021 нисбати Г.В.А. ҷазои ҷарима ба андозаи 365 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 21170 сомонӣ ба фоидаи давлат, бидуни маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян таъин карда, бо мактуб аз 18 августи соли 2021 барои иҷро ба иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар ноҳияи Д. ирсол намудааст.

Лекин дар парванда оид ба иҷро шудани ҷазои ҷарима ҳуҷҷат дида намешавад.

* Дар парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ш.Ш.К бо моддаи 316 қисми 1 Кодекси ҷиноятӣ низ нусхаи фикри айбдорӣ ба айбдоршаванда супорида шуда, вале дар дастхат санаи он нишон дода нашудааст.

Бо ҳукми суди ноҳияи С. аз 5 майи соли 2021 нисбати Ш.Ш.К. ҷазои ҷарима ба андозаи 250 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 14500 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин гардида, бо мактуб аз 22 июли соли 2021 барои иҷро ба Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. ирсол шудааст, вале оид ба иҷрои ҳукм дар маводи парванда далел ҷой надорад.

* Баррасии парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ҳ.С.М. бо моддаҳои 245 қисми 3 банди «б», 340 қисми 1 Кодекси ҷиноятӣ бо қарори судяи суди ноҳияи С. аз 12 июли соли 2021 ба рӯзи 23 июли соли 2021 таъин гардидааст, вале дар

протоколи маҷлиси судӣ қайд шудааст, ки парванда рӯзи 23 июни соли 2021, яъне як моҳ пештар, баррасӣ гардид.

Тавре аз аризаи ба суд пешниҳодкардаи судшаванда Ҳ.С.М. бармеояд, ӯ хоҳиш кардааст парвандаи ҳуқуқвайронкунӣ нисбати ӯ бе иштироки ҳимоячӣ дида шавад.

Суди марҳилаи якум дар маҷлиси судӣ аризаи мазкурро муҳокима намуда, масъалаи дар аризаи судшаванда сабт гардидани парвандаи «ҳуқуқвайронкунӣ» мавриди таҳқиқ қарор гирифта нашудааст.

Мувофиқи талаботи 388 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ҳукм, таъинот ва қарор ба зиммаи суде гузошта мешавад, ки парвандаро дар марҳилаи якум баррасӣ намудааст.

Аз талаботи қисми 1 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» бармеояд, ки амалҳои иҷро ва талаботе, ки дар ҳуҷҷати иҷро дарҷ шудаанд, бояд аз тарафи иҷрочии суд дар муддати ду моҳ баъд аз ворид шудани ҳуҷҷати иҷро бо тартиби навбатии воридшавии онҳо мавриди иҷро қарор дода шаванд.

Зимни омӯзиши парвандаҳо ҳолатҳое ошкор гардидаанд, ки дар баъзе ҳукмҳо ҷазои ҷарима қисман ё тамоман ва ё дар қисмати ба фоидаи давлат гузаронидани далелҳои шайъӣ иҷро нашудаанд, аммо барои ба иҷро расонидани онҳо чораҳои дахлдор андешида нашудаанд.

Аз ҷумла, бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Н.А. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «б,г» ва 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки ҷарима ба фоидаи давлат ба маблағи 8700 сомонӣ таъин карда шуда, ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар шаҳри Р. варақаи иҷро ирсол шудааст, вале дар хусуси иҷрои ҷарима ба унвонии суд ҳуҷҷат ворид нагардидааст.

* Ғайр аз ин Р.М.П. бо моддаҳои 260 қисми 1, 262 қисми 3 банди «б», 263 қисми 2 банди «б», 340 қисми 2 бандҳои «б,в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ дар асоси моддаҳои 63 қисми 3 ва 69 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои таъингардида, ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои дорои ҷавобгарии пулию молӣ дошта дар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияташон ба муҳлати 3 сол, бо адои ҷазои дар колонияи ислоҳии низомаш пурзӯр ва ҷарима ба андозаи 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 58000 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои ҳукми мазкур дар қисмати ба фоидаи давлат мусодира кардани далелҳои шайъӣ таърихи 5 октябри соли 2021 ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи С. варақаи иҷро дар хусуси аз ҳисоби маҳкумшуда Р.М.П. рӯёнидани маблағҳои дар суратҳисоби ҶДММ «Г.» ба андозаи 113041 сомонӣ, дар суратҳисоби ҶДММ «Г.» мавҷудбуда ба андозаи 50000 доллари ИМА, ҷамъи умумии маблағҳо ба андозаи 408041 сомонӣ ва 50000 доллари ИМА, ки дар суратҳисоби махсуси Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳабс гузошта шудаанд, ирсол карда шудааст. Аммо, то ба ҳол оид ба иҷроиши ҳукмҳои зикргардида ба унвонии суд варақаи иҷроия бозпас ворид нашудааст.

* Бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ҳ.И.И ва Б.Р.М. бо моддаи 246 қисми 3 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар таърихи 17 марти соли 2021 иҷрои ҳукм дар қисмати бо тариқи муштарак ба фоидаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнидани маблағи зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда ба Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се адад варақаҳои иҷроия

ирсол гардида, аммо то ба ҳол оид ба натиҷаи иҷроишҳои мазкур маълумотнома ва ё варақаҳои иҷро бозпас ворид нашудааст.

* Ё ин ки бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.С.Р., С.М.Д., С.Ф.Д., С.ҲА., Р.М.Н. бо моддаи 289 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш.М.З. бо моддаи 322 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, С.Қ.Н., А.З.Ю. ва О.Қ.Н. бо моддаи 314 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуб аз 8 июли соли 2021 ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи И. варақаи иҷро оиди ба фоидаи давлат мусодира намудани далелҳои шайъӣ 89 кг 343 гр 52 млг меттали қимматбаҳои тилло ва асъори хориҷӣ 13489539 риоли ШАС ва 200 000 фунт стерлинги ШГБК ирсол шудааст, аммо то ба ҳол ба унвонии суд оид ба натиҷаи иҷроишҳои мазкур маълумотнома ва ё варақаҳои иҷро бозпас ворид нашудааст.

* Бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.Н.И. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «а,б,г» ва 340 қисми 2 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Х.О.И. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «б,г» ва 340 қисми 2 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати маҳкумшудаҳо ҷазо дар намуди ҷарима ба фоидаи давлат ба маблағи 14500 сомонӣ таъин карда шудааст. Аз ҷониби суд баҳри таъмини иҷрои ҳукм сари вақт ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ш. таърихи 14 апрели соли 2021 варақаҳои иҷро ҷиҳати ба фоидаи давлат рӯёнидани маблағҳои ҷаримаи таъингардида ирсол шудааст, лекин то ба ҳол ба унвонии суд оид ба натиҷаи иҷроишҳои мазкур варақаҳои иҷро бозпас ворид нашудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба иҷроишҳои мазкур аз тарафи раисикунандаҳои парвандаҳои болозикр хотиррасонӣ низ ба суроғаҳои дахлдор ирсол нагардидааст.

Аз талаботи моддаи 388 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад, ки иқтибос аз ҳукми суд вобаста ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, ба мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ирсол карда мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 33 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби иҷрои ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳии маҳалли истиқомати маҳкумшуда ба амал бароварда мешавад.

Мутобиқи талаботи қисми 4 моддаи 50 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба сифати ҷазои иловагӣ ба ҳабс, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳдуд кардани озодӣ ё аз озодӣ маҳрум сохтан таъин гардидани ин ҷазо, он дар тамоми вақти адои ҷазои асосӣ ва зиёда аз он пас аз адои ҷазои асосӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи ҳукм низ татбиқ мегардад. Дар ҳолатҳои дигар муҳлати он аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм ҳисоб карда мешавад.

* Ҷамъбасти амалияи судӣ вобаста ба ин нишон дод, ки бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Д.С.Б. бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 сол бо адо намудани ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш пурзӯр, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳо дар мақомоти давлатӣ ба муҳлати се сол таъин карда шудааст (ҳукм аз 28 сентябри соли 2021.

Дар асоси таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди вилоят аз 20 октябри соли 2021 бо татбиқи банди 6 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019, таҳти №1648 маҳкумшуда Д.С.Б. аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ озод карда шудааст. Пас аз дар марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ гардидан парвандаи мазкур ба суди ноҳияи Ҷ. ворид шудааст, аммо иҷроиши ҳукм, яъне ҷазо дар қисмати маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳо дар мақомоти давлатӣ ба муҳлати се сол ба мақомоти дахлдор иқтибос аз ҳукм ирсол карда нашудааст. Ҳамчунин, вобаста ба парвандаи мазкур муйян карда шуд, ки протоколи маҷлиси судии тартибдодаи котиб ҳангоми баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ аз ҷониби раисикунандаи парванда ва котиб тасдиқ карда нашудааст.

Ба ғайр аз ин, дар фаъолияти баъзе аз судҳо ҳангоми таъини парванда ба муҳокимаи судӣ ҳолатҳое, ки вақт ва маҳалли баррасии парвандаро муқаррар намуда, ҷиҳати сари вақт баррасӣ гардидани парванда мусоидат мекунанд, вайронкунии талаботи қонун дида мешавад.

Чунончӣ, мутобиқи талаботи қисми 4 моддаи 263 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тарафҳо бояд дар муҳлати на камтар аз панҷ шабонарӯз дар бораи вақти оғози муҳокимаи суд огоҳ карда шаванд.

* Омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати Х.Х.С. бо моддаи 246 қисми 3 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки парвандаи мазкур таърихи 6 апрели соли 2021 барои баррасӣ ба суди вилоят ворид гардида, аз тарафи раисикунандаи парванда бо қарор аз 20 апрели соли 2021 ба рӯзи 4 майи соли 2021 муҳокимаи суд таъин карда шуда, тарафҳо танҳо як рӯз пеш аз муҳокимаи суд бо мактуб огоҳ карда шудаанд.

Гузашта аз ин, муҳокимаи суд рӯзи 4 майи соли 2021 баргузор нагардида, дар протоколи маҷлиси суд қайд шудааст, ки тарафҳо бо тариқи дахлдор дар хусуси баргузор гардидани маҷлиси судӣ огоҳ карда шуда буданд,

лекин онҳо ба мурофиаи судӣ бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудаанд. Дар хусуси он ки тарафҳо бо тариқи дахлдор дар бораи баргузор гардидани маҷлиси судӣ огоҳ карда шуда бошанд, санаде тартиб дода нашудааст.

* Ғайр аз ин, бо парвандаи ҷинояти нисбати С.А.Б. бо моддаи 245 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори таъини маҷлиси судӣ парванда дар маҷлиси ошкорои сайёри судӣ дар бинои Ҷамоати шаҳраки Д. ноҳияи Д. таъин карда шудааст. Бо ҳукми суди ноҳияи Д. аз 30 марти соли 2021 охирин бо ҳамин модда гунаҳгор дониста, нисбаташ ҷазо таъин карда шудааст, аммо дар ҳукми мазкур ҷойи баргузории мурофиаи судӣ бинои суди ноҳияи Д. нишон дода шудааст.

* Бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Қ.С.А. бо моддаи 245 қисми 2 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон охирин бо ҳукм аз 15 апрели соли 2021 бо ҳамин модда ва ҳамин қисм гунаҳгор дониста, нисбаташ ҷазо таъин карда шудааст. Вале дар қисми муқаддимавии қарори таъини маҷлиси судӣ моддаи 245 қисми 2 банди «б» ҳамин Кодекс оварда шуда, дар қисми хулосавии қарор бошад, моддаи 245 қисми 3 банди «б» Кодекси мазкур дарҷ гардидааст.

Мувофиқи моддаи 52 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ҳуқуқ доранд дар ҳар лаҳзаи пешбурди парванда бо ташаббуси худ, ки дар шакли хаттӣ пешниҳод намудаанд, аз хизмати ҳимоятгар дар ҳузури ӯ даст кашанд.

* Бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Н.А. ва А.М.Х. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «б,г» ва 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад талаботи меъёри мазкур мадди назар шуда, бар замми ин, дар протоколи маҷлиси суд зимни фаҳмонидани ҳуқуқҳои судшавандагон аризаҳои номбурда ба қабати парванда ҳамроҳ нагардидаанд.

Парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ф.Н. бо моддаҳои 340 қисми 2 банди «б» ва 247 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суди ноҳияи Ш. баррасӣ ва дар асоси ҳукм аз 31 августи соли 2021 номбурда бо моддаҳои дар боло зикргардида гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷазо таъин карда шудааст. Вале дар вақти баррасӣ намудани парванда аризаи маҳкумшуда Ф.Н. оиди даст кашидан аз хизмати ҳимоятгар бе иштироки охирин гирифта шуда, бо ин талаботи моддаи дар боло оварда шуда вайрон шудааст.

Муқаррароти моддаи 328 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ки суд, судя баъди анҷоми тафтиши судӣ ба музокираи судӣ мегузарад, ки он аз нутқи айбдоркунанда, ҷабрдида ё намояндаи ӯ, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ё намояндагони онҳо, судшаванда дар ҳолати даст кашидан аз ҳимоятгар ва ҳимоятгар иборат мебошад. Пайдарҳамии баромади иштирокчиёни музокираи судӣ тибқи пешниҳоди онҳо аз ҷониби суд муайян гардида, вале дар ҳама ҳолат айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ, ки мутобиқи натиҷаҳои тафтиши судӣ бояд хулосаро дар бораи айбдории судшаванда асоснок намоянд, ба кирдори ӯ баҳо диҳанд, ақидаи худро дар бораи ҷазое, ки бояд дода шавад, изҳор намоянд ё ҳуқуқ доранд аз айбдоркунӣ даст кашанд, аввалин шуда суханронӣ мекунанд.

Ҷамъбасти амалияи судӣ нишон дод, ки на дар ҳама вақт талаботи меъёри мурофиавӣ аз ҷониби судяҳо риоя карда шуда, тартиби гузаронидани муҳокимаи судӣ аз тарафи раисикунанда дар асоси талаботи қонун ба роҳ монда нашудаанд.

* Чунончӣ, аз маводи парвандаи ҷиноятӣ нисбати А.Ф.Ҳ. бо моддаҳои 21 қисми 1, 247 қисми 2 бандҳои «а,в», 247 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад, ки раисикунандаи парвандаи меъёри

мурофиавии мазкурро мадди назар намуда, бе муайянкунии тартиби пайдарҳамии баромадҳо ба музокираи судӣ гузаштааст.

Тибқи талаботи моддаи 331 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд, судя баъди шунидани сухани охирини судшаванда барои баровардани ҳукм дарҳол ба хонаи машваратӣ медароянд ва дар ин бора раисикунанда дар маҷлиси суд эълон мекунад.

Мувофиқи қисми 2-юми моддаи мазкур раисикунанда вақти хондани ҳукмро ба иштирокчиёни мурофиаи суд пеш аз даромадан ба хонаи машваратӣ эълон мекунад.

Аммо, ҳангоми омӯзиши протоколи маҷлиси судӣ вобаста бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати А.Ф.Ҳ. муайян карда шуд, ки раисикунандаи парванда меъёри мурофиавии мазкурро аз назар дур монда, қабл аз даромадан ба хонаи машваратӣ вақти хондани ҳукм ба иштирокчиёни мурофиаи суд эълон накардааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 250 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз тасдиқ кардани фикри айбдоркунӣ прокурор ба айбдоршаванда нусхаи фикри айбдоркунӣ ва замимаи онро таъмин мекунад. Агар айбдоршаванда забонеро, ки бо он фикри айбдоркунӣ тартиб дода шудааст, надонад, нусхаи фикри айбдоркунӣ бо тарҷума ба забоне, ки ӯ медонад, супурда мешавад. Бо дархости ҳимоятгар ё ҷабрдида нусхаи фикри айбдоркунӣ ба онҳо низ супурда мешавад.

Дар асоси талаботи моддаи 300 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон раисикунанда зимни муҳокимаи судӣ муайян мекунад, ки оё ба судшаванда нусхаи фикри айбдоркунӣ ё қарори мақомоти таҳқиқ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ супурда шудааст ва кай ин кор анҷом дода шудааст. Муҳокимаи судиро дар муҳлати на пештар аз се шабонарӯз

аз рӯзи супоридани фикри айбдоркунӣ ё қарори мақомоти таҳқиқ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ сар кардан мумкин нест.

* Омӯзиши амалияи судӣ нишон дод, ки дар баъзе мавридҳо зимни оғоз намудани муҳокимаи судӣ талаботи меъёри қонун риоя нашуда, ба судшаванда сари вақт супоридани нусхаи фикри айбдоркунӣ муайян карда нашуда, суд ба тафтишоти судӣ гузаштааст.

Аз ҷумла, бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Н.А. ва А.М.Х. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «б,г», 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки нусхаи фикри фикри айбдорӣ ба айбдоршавандаҳо супорида шуда, аммо рӯз ва вақти дастрас намудани он дарҷ нагардидааст.

Омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Н.А бо моддаи 246 қисми 2 банди «в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нишон дод, ки аз ҷониби ёрдамчии прокурори ноҳияи Ш. фикри айбдорӣ таҳия ва баъд аз тасдиқ намудани он аз ҷониби прокурори ноҳияи номбурда, парванда ба суди ҳамон ноҳия ирсол гардидааст. Баъдан нусхаи фикри айбдорӣ ба Н.Н.А. бо дастхат барои шинос шудан супорида шудааст, вале дар дастхат санаи супоридани он нишон дода нашудааст.

Бар замми ин, дар раванди ҷамбаст як қатор камбудиҳое ошкор гардиданд, ки котибони маҷлиси судӣ ҳангоми тартиб додани протоколҳо ва ба иҷро расонидани санадҳои судӣ ба хатогиҳо роҳ медиҳанд.

* Масалан, тибқи моддаи 350 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз панҷ шабонарӯз баъд аз эълони ҳукми суд нусхаи он бояд ба маҳкумшуда ё сафедшуда супурда шавад.

Вале бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати С.С.И. ва дигарон бо моддаи 245 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи ҳукм ба маҳкумшудаҳо дастрас

гардида, аммо таърихи гирифтани он дар дастхат мононда нашудааст.

Ба ғайр аз ин, зимни омӯзиши парвандаҳо ва гузаронидани ҷамъбастӣ аз протоколи маҷлиси судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ дигар камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки бояд бартараф карда шаванд.

Аз ҷумла, аз талаботи моддаи 297 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки котиб дар бораи ба суд ҳозир шудани прокурор, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, тарҷумон, шоҳидон, коршиносон ва мутахассисон ва оид ба сабабҳои ҳозир нашудани дигар иштирокчиён ахборот медиҳад.

Вале баъзан, котибони маҷлиси судӣ ҳангоми тартиб додани протоколҳо калимаи «ахборот»-ро истифода набурда, ба ҷои он калимаи «маълумот»-ро дарҷ менамоянд.

* Масалан, бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.Э.У. бо моддаи 245 қисми 2 банди «г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон Д.О.Т. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «а,г», 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таҷриба дида мешавад.

Инчунин, ҳолати мазкур бо парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати А.И.М. ва Қ.С.М. бо моддаи 246 қисми 2 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян гардид.

Мувофиқи модаи 261 КМҶҶумҳурии Тоҷикистон судя бояд дар муҳлати на дертар аз чордаҳ шабонарӯз аз лаҳзаи ба суд ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ дар бораи таъин намудани маҷлиси суд қарор қабул намояд.

Бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати З.О.М. бо моддаҳои 36 қисми 3, 314 қисми 1, 36 қисми 3, 323 Кодекси ҷиноятӣ, С.Ш.С. бо моддаҳои 314 қисми 1, 323 Кодекси ҷиноятӣ ва Б.Р.Ҳ. бо моддаҳои 36 қисми 5, 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад бо қарори судяи суди ноҳияи Ф. аз 16

ноябри соли 2020 парванда бо гузаронидани мухлати қонуни мурофиавӣ, ки 14 шабонарӯз пешбинӣ шудааст, ба муҳокимаи судӣ ба рӯзи 21 декабри соли 2020 (баъди 36 шабонарӯз) таъин гардидаст.

Аз ҷониби суд нисбати судшавандагон С.Ш.С. ва Б.Р.Ҳ. ба ҳар кадом ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 21170 сомонӣ бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти пулию молӣ алоқаманд ба мухлати се сол таъин карда шудааст.

Мувофиқи мактуби судя аз 13 апрели соли 2021 иҷроварақа оиди рӯёнидани маблағи ҷарима ба иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар ноҳияи С. фиристонида шудааст, аммо то ин муддат оид ба натиҷаи иҷрои он дар қабати парванда ягон маълумот дида намешавад. Инчунин мактубҳои хотиррасонӣ дар хусуси ба иҷро расонидани санади судӣ ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро ирсол нагардида, талаботи қисми 2 моддаи 388 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи он ки назорати иҷрои ҳукм, таъинот ва қарор ба зиммаи суде гузошта мешавад, ки парвандаро дар марҳилаи якум баррасӣ намудааст, риоя карда нашудааст.

* Чунин ҳолат бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Н.Б. низ дида мешавад, ки вай бо ҳукми суди шаҳри В. аз 29 июни соли 2021 бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазои ҷарима ба андозаи як ҳазору чорсаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба ҳаштоду ҳафт ҳазору шашсад сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Варақаи иҷрои барои иҷроиш аз 19 июли соли 2021 ба иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри В. равон карда шуда, инчунин бо қарори судяи ҳамин суд аз 31 январи соли 2022 мухлати пардохти ҷаримаи мазкур то 31 июли соли 2022 дароз карда шуда бошанд ҳам, вале то

имрӯз оиди иҷроиши ҷарима ягон маълумот ё хотиррасонӣ дар қабати парванда мавҷуд нест.

* Ё ин ки аз ҷониби судяи суди ноҳияи А. парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.Т.Т. бо моддаи 245 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 7 майи соли 2021 баррасӣ гардида, дар натиҷа таъиноти хусусӣ ба унвонии Директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда, бо мактуб аз 17 майи соли 2021 ба суроғаи номбурда ирсол карда шудааст. Аммо, то инҷониб ҷавоби иҷроиши таъиноти хусусӣ дар қабати парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд нест, ки ба талаботи моддаи 388 КМҶ мувофиқат намекунад.

* Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 336 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд вазифадор аст ҳангоми баровардани ҳукм масъалаи мукаллафии судшавандаро муҳокима кунад.

Парвандаи ҷинояти нисбати А.Қ.М. бо моддаи 247 қисми 2 бандҳои «в, г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суди шаҳри Б. баррасӣ ва бо ҳукм аз 3 августи соли 2021 охирин бо ҳамин модда гунаҳгор дониста, нисбаташ ҷазо таъин карда шудааст, вале аз ҷониби суд ҳангоми баровардани ҳукм мукаллафии судшаванда муҳокима нашуда, талаботи моддаи дар боло овардашударо вайрон гардидаст.

* Бо ҳукми суди ноҳияи Ф. аз 12 январи соли 2021 ба Ш.С.Ф. ва Қ.М.Ҳ. бо моддаи 314 қисми 1 Кодекси ҷиноятӣ ҷазои ҷарима ба андозаи 300 нишондиҳандагӣ барои ҳисобҳо баробар ба 17.400 сомонӣ ба фоидаи давлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳо дар хизмати давлатӣ ва масъулияти моливу пулӣ дошта ба муҳлати як сол таъин карда шудааст.

Санксияи қисми 1 моддаи 314 Кодекси ҷиноятӣ (то тағйиру иловаҳо аз 7 августи соли 2020) ҷазоҳои алтернативиро дар намуди ҷарима ба андозаи аз дусаду

панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду солро пешбинӣ менамуд.

Дар қонуни мазкур ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҳамчун ҷазои асосӣ пешбинӣ шуда, суди марҳилаи якум ҳангоми бо ин модда таъин намудани ҷазо талаботи қонунро мадди назар намуда, бо як ҷиноят нисбати судшавандагон Ш.С.Ф. ва Қ.М.Ҳ. дар як вақт ду ҷазои асосиро таъин намудааст, ки ин ҳолат ҳамчун нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ мебошад.

* Дар асоси ҳукми суди шаҳри Т. аз 26 майи соли 2021 А.И.Қ. бо моддаи 247 қисми 2 бандҳои «в,г» Кодекси ҷиноятӣ гунаҳгор дониста, ба ӯ ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 365 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 21 900 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Аз мактуби раисикунандаи парванда аз 11 октябри соли 2021 бармеояд, ки иҷроварақа оиди рӯёнидани маблағи ҷарима ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар шаҳри Т. баъди гузаштани зиёда аз чор моҳ аз рӯзи қабули ҳукм фиристонида шудааст.

Гарчанде, дар ин байн Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 қабул гардида бошад ҳам, аммо оид ба натиҷаи иҷрои он дар қабати парванда ягон маълумот дида намешавад.

* Мувофиқи банди 1 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 қарор дар бораи татбиқ кардан ё рад кардани татбиқи Қонуни мазкур нисбати ҳар шахс алоҳида қабул карда мешавад.

Аз таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Т. аз 22 сентябри соли 2021 дида мешавад, ки қарори татбиқи Қонуни авф нисбати ду нафар судшавандагон дар як банди қарор бо чунин мазмун қайд гардидааст:

«Парвандаи ҷиноятӣ нисбати О.Д.И. ва Ш.А.Р. бо моддаи 247 қисми 2 бандҳои «б,в,г» Кодекси ҷиноятӣ дар асоси моддаи 5 банди 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021, таҳти №1803 қатъ карда шуда, онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шаванд».

Яъне, бо парвандаи зикршуда қарор оид ба татбиқи Қонуни авф нисбати ҳар як судшаванда дар алоҳидагӣ қабул карда нашуда, якҷоя дар як сатр дарҷ гардида, дар як вақт парванда нисбаташон қатъ ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд, ки ин ҳолат аз нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад.

* Омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати Б.А.А. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «б,г», 323 Кодекси ҷиноятӣ, С.Ю.Д. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «б,г», 323, 247 қисми 4 банди «б» Кодекси ҷиноятӣ ва С.Ю.М. бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» Кодекси ҷиноятӣ нишон дод, ки парванда санаи 19 майи соли 2021 ба суди ноҳияи М. ворид гардида, бо қарори судя аз 2 июни соли 2021 муҳлати қабули қарори дахлдор бо парвандаи мазкур то як моҳ дароз карда шудааст.

Аз мактуби судя, ки ба унвонии прокурори ноҳияи М. ирсол гардидааст, бармеояд, ки парванда ба рӯзи 29 июни соли 2021 ба муҳокимаи судӣ таъин карда шудааст, аммо дар қабати парванда қарори судя дар бораи таъини муҳокимаи судӣ ҷой надорад.

Гузашта аз ин, бо таъиноти судя аз 29 июни соли 2021 пешбурди парвандаи ҷиноятии мазкур боздошта шуда, ба ин танҳо маълумотномаи амбулатории маркази

саломатии ноҳия аз 23 июни 2021 оиди бемории санги гурда будани судшаванда С.Ю. асос оварда шудааст.

Бо таъиноти судя аз 19 июли соли 2021 бинобар аз байн рафтани ҳолати боздошт, пешбурди парвандаи мазкур аз сари нав оғоз карда шуда, баррасии он ба рӯзи 23 июли соли 2021 таъин карда шудааст.

Минбаъд, бо таъиноти судя аз 28 июли соли 2021 пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар бемор будани судшаванда Б.А.А. боздошта шуда, минбаъд 13 сентябри соли 2021 пешбурди парванда аз нав оғоз карда шуда, баррасии он ба рӯзи 17 сентябри соли 2021 таъин карда шудааст.

Инчунин, муҳокимаи судӣ бинобар ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудани судшавандагон ба рӯзҳои 22, 27 сентябри соли 2021 ва 2 октябри соли 2021 мавқуф гузошта шуда, оқибат бо таъиноти маҷлиси судӣ аз 2 октябри соли 2021 нисбати судшавандагон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 татбиқ гардида, онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, парвандаи ҷиноятии мазкур аз 19 майи соли 2021 то 2 октябри соли 2021 (давоми зиёда аз чор моҳ) дар пешбурди суди ноҳияи М. қарор дошта, дар ин муддат ҳолатҳое, ки боиси боздошт ва мавқуфгузории парванда гардидааст, ба талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҷавобгӯй намебошад.

* Парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ю.Ю.Ю. бо моддаи 319 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муфаттиши калони ШТ РАНДМ ва МК ҶТ дар вилоят оғоз гардида, дар маводи парванда баёноти як қатор шахсон ҳамроҳ карда шудааст, ки онҳо аз ҷониби А.Б. ба унвонии сардори Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят гирифта шудаанд, лекин дар онҳо мансаби шахси

баёнотгирифта ва санаи рӯз гузошта нашудааст, ки чунин таҷриба ба таъмини ҳаматарафагии тафтишоти пешакӣ ва судӣ мувофиқат намекунад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 247 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор бояд дар муҳлати ҳафт шабонарӯз парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта, доир ба он қарори дахлдор қабул намояд. Тибқи протокол аз 27 марти соли 2021 тафтиши пешакӣ бо парвандаи мазкур 27 марти соли 2021 анҷом ёфта, вале фикри айбдоркунӣ баъди гузаштани 13 шабонарӯз, яъне 9 апрели соли 2021 тасдиқ шудааст, ки аз риоя нагардидани талаботи қонуни зикргардида шаҳодат медиҳад.

* Чунин ҳолат дар парвандаи ҷиноятӣ нисбати К.И. бо моддаи 247 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба чашм мерасад, ки он аз ҷониби муфаттиши калони ШТ РАНДМ ва МК ҶТ дар вилоят оғоз гардида, дар маводи парванда баёноти як қатор шахсон ҳамроҳ карда шудааст, лекин дар онҳо ному насаб, мансаби шахси баёнотгирифта ва санаи рӯз гузошта нашудааст, ки чунин таҷриба ба таъмини ҳаматарафагии тафтишоти пешакӣ ва судӣ мвофиқат намекунад.

К.И. бо ҷинояти содиркардааш ба ҷабрдидаҳо А.А.А. 15000 сомонӣ, Қ.Г.Г. 15 000 сомони, Р.Г.А. 15000 сомонӣ ҷамъ ба маблағи 45000 сомонӣ зарари моддӣ расонида, онро дар тафтишоти судӣ барқарор карда бошад ҳам, вале аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ дар асоси моддаи 116 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ҳабси молу мулки айбдор барои таъмини даъвои гражданӣ ё эҳтимоли мусодираи молу мулк чорандешӣ нашудааст.

* Аз маводи парванда ҷиноятӣ нисбати С.А.Ё. бо моддаҳои 245 қисми 2 бандҳои «а,б», 340 қисми 2 бандҳои «а,б,в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад, ки охирин бо ҷинояти содиркардааш ба давлат ба маблағи

63 376 сомонӣ зарари моддӣ расонида, онро барқарор карда бошад ҳам, вале аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ дар асоси моддаи 116 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ҳабси молу мулки айбдор барои таъмини даъвои граждонӣ ё эҳтимоли мусодираи молу мулк чорандешӣ нашудааст. Минбаъд дар рафти тафтишоти пешакӣ ин маблағ барқарор карда шудааст.

Ғайр аз ин, бо парвандаи мазкур дар забонхати айбдоршаванда санаи гирифтани фикри айбдоркунӣ мавҷуд намебошад.

Тибқи талаботи қисми 7 моддаи 279 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон айбдоркунандаи давлатӣ дар тафтиши далел иштирок намуда, ба суд ақидаи худро дар бораи моҳияти айбдоркунӣ ва дигар масъалҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ ба миён омадаанд, баён мекунад, инчунин ба суд дар бораи татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва ба судшаванда таъин намудани ҷазо фикри худро изҳор менамояд. Аммо аз протоколи маҷлиси судӣ дида мешавад, ки дар он баромади айбдоркунандаи давлатӣ дарҷ карда нашуда, ҳамчунин сухани худҳимоявии судшаванда дида намешавад, ки ин бархилофи талаботи моддаи 328 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

* Ҳангоми омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати Х.Д.А. бо моддаи 245 қисми 2 бандҳои «а,г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон  муайян гардид, ки нусхаи фикри фикри айбдорӣ ба айбдоршаванда супорида шуда, аммо рӯз ва вақти дастрас намудани он дарҷ нагардидааст, ки ба талаботи моддаи 250 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба ҳамин монанд ҳолат дар парвандаи ҷиноятӣ нисбати У.Ф.Б. бо моддаи 245 қисми 2 бандҳои «а,г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дида мешавад.

Яъне, раисикунандаи парвандаҳои мазкур сари вақт ба судшаванда дастрас гардидан нусхаи фикри айбдориро дар оғози муҳокимаи судӣ насанҷида, дарҳол ба тафтишоти судӣ шурӯъ намудааст.

* Аз протоколи маҷлиси судӣ вобаста бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати С.И.М., С.Ш.И. бо моддаи 245 қисми 3 банди «а» ва 323 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки раисикунандаи парванда меъёри мурофиавии дар моддаи 331 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо мадди назар намуда, қабл аз даромадан ба хонаи машваратӣ вақти хондани санади судиро ба иштирокчиёни мурофиаи суд эълон накардааст.

* Ғайр аз ин, бо омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати У.Т.Ҷ. бо моддаҳои 245 қисми 2 банди «г» ва 340 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки талаботи моддаи 52 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мадди назар дур монда, дар маҷлиси суд зимни фаҳмонидани ҳуқуқҳои судшаванда аризаи ӯ оиди даст кашидан аз хизмати ҳимоятгар дар ҳузури ҳимоятгар гирифта нашудааст.

* Бо омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати Д.А. бо моддаҳои 245 қисми 4 банди «б» ва 340 қисми КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки нисбати маҳкумшуда бо дастрасии моддаи 67 қисми 3 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои таъиншуда, ҷазои ниҳоӣ дар намуди ҷарима ба маблағи 116000 (яксаду шонздаҳ ҳазор) сомонӣ ба фоидаи давлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳлати се сол таъин карда шуда, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм иҷроиши он дар қисмати ҷарима ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар ноҳияи Т. ирсол шудааст (мактуб аз 5 октябри соли 2021). Аммо муддати ду моҳ баъд аз ворид шудани ҳуҷҷати иҷро варақаи иҷро бозпас нашудааст.

Вобаста ба иҷроиши мазкур аз тарафи раисикунандаи парвандаҳои болозикр талаботи моддаи 388 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 1 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» амалӣ карда нашуда, хотиррасонӣ низ ба суроғаи дахлдор ирсол нагардидааст.

* Дар парвандаи ҷиноятӣ нисбати У.Т.Ҷ. бо моддаи 245 қисми 2 банди «г» ва 340 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардид, ки номбурда до ин моддаҳо гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ дар асоси моддаи 67 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳо ҷарима ба андозаи 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 8700 сомонӣ, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи моддӣ дошта дар идораю корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ ба муҳлати як сол таъин карда шудааст. Пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми мазкур бобати иҷроиши он, дар қисмати ҷазои иловагӣ ба мақомоти дахлдор иқтибос аз ҳукм ирсол карда нашуда, бо ин талаботи моддаи 388 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нагардидааст.

* Мутобиқ ба моддаи 350 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз панҷ шабонарӯз баъд аз эълони ҳукми суд нусхаи он бояд ба маҳкумшуда ё сафедшуда супурда шавад.

Дар парвандаи ҷиноятӣ нисбати А.Ф.А. бо моддаи 295 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад муайян карда шуд, ки нусхаи ҳукм ба маҳкумшуда дастрас гардида, аммо таърихи гирифтани он дар дастхат мононда нашудааст, ки ба талаботи қонуни дар боло нишондода мувофиқат намекунад.

* Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 263 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарафҳо бояд дар муҳлати на камтар аз панҷ шабонарӯз дар бораи вақти оғози муҳокимаи суд огоҳ карда шаванд.

Омӯзиши маводи парвандаи ҷиноятӣ нисбати судшаванда Ё.И.А. бо моддаи 259 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки аз ҷониби судяи суди ноҳияи А. бархилофи талаботи моддаи дар боло зикргардида дар рӯзи баррасии парванда мактуб ба тарафҳо дар бораи огоҳ карданашон равон карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки на дар ҳама ҳолатҳо ба аҳамияти мурофиаҳои сайёри судӣ оид ба ин категорияи ҷиноятҳо диққат дода шуда, гарчанде бо ин парвандаҳо судшавандаҳо аксари мавридҳо дар ҳабс набуда, имконияти дар мурофиаҳои сайёри судӣ баррасӣ намудани парвандаҳо ва тарғибу ташфиқ кардани қонунгузорӣ бо иштироки шаҳрвандон ҷой дошта, барои пешгирии чунин ҷиноятҳо накши муҳим дорад.

Омили дигари баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ин ба баровардани таъинотҳои хусусӣ рабт дорад, ки аз ҷониби судяҳо ба ин самти фаъолият бояд тақвият дода шавад.

Ҷамъбасти парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ошкор сохт, ки сабабу шароитҳои ба содиршавии ҷиноятҳои мазкур мусоидаткунанда қасди ғаразноки бо роҳи чунин кирдорҳо ба даст овардани пулу моли шахсони дигар ба воситаи фиреб, суиистифодаи боварӣ ё бо истифода аз мақоми хизматӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳама маврид ба маърифати пасти ҳуқуқии шахсоне, ки ҷиноятҳои мазкурро содир менамоянд, алоқамандӣ дорад. Дар баробари ин, дар корхонаву муассисаҳо тақвият бахшидани тадбирҳои иловагӣ бобати пешгирӣ намудани ин омилҳо ва пурзӯр намудани назорат аз болои истифодаи воситаҳои пуливу молии ба шахсони мутассадӣ вобасташуда аз аҳамият холӣ намебошад.

Ҳамзамон аз ҷониби судҳо тариқи гузаронидани мурофиаҳои сайёри судӣ, баровардани таъинотҳои хусусӣ

ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо дар самти фаъолияти пуливу муҳосибии шахсони ҳуқуқӣ ҷойдошта ва сабабу шароити ба содиршавии ҷиноятҳои мазкур мусоидаткунанда, шарҳу фаҳмондадиҳии қонунгузории марбут ба пешгирии коррупсия дар маҷмӯъ барои аз байн бурдани чунин кирдорҳои номатлуб нақши бориз доранд.

Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки бо мақсади бартараф ва пешгирӣ намудани камбудиҳои ҷойдошта маълумотномаи ҷамъбастӣ вобаста ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ дастраси судҳои ҷумҳурӣ гардонида шуда, дар машғулияти навбатӣ дар ин хусус ба диққати судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо расонида, ҷиҳати тақвият бахшидани амалӣ гардонидани тадбирҳои иловагӣ дар асоси қонунгузорӣ чораҳои иловагӣ роҳандозӣ карда шаванд.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ**

# Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## амалияи судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила

Бо мақсади иҷрои банди 16-и Нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи дуюми соли 2022 ҷамъбасти амалияи судӣ оиди аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила аз ҷониби коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ гузаронида шуд.

Мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Инсон арзиши олӣ дар Тоҷикистон эълон шуда, шинохти тамоми арзишҳои дигарро дар доираи манфиат ва манзалати он имконопазир мегардонад. Ҳеҷ як манфиат, неъмат ва дороӣ аз инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ боло буда наметавонад. Ҳама чиз дар давлат ва ҷомеа барои қонеъ гардонидани талаботи инсон равона шудааст. Зеро бе арзиши олӣ эълон намудани инсон таъмини волоияти қадру манзалати он имконнопазир аст. Яке аз нишонаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд волоияти қонун, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Ҳар як фард тибқи қонун ба дахлнопазирии шахсияти худ, озодӣ, бехатарӣ ва ҳамчунин ба ҳаёте ҳуқуқ дорад, ки дар он ба зӯроварӣ ҷой надорад.

Ҷамъбасти таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила аз он шаҳодат медиҳад, ки судҳо асосан парвандаҳои мазкурро бо риояи талаботи меъёрҳои моддию мурофиавӣ баррасӣ менамоянд. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳо камбудию норасоиҳо муайян гардид.

Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ нишон дод, ки аз ҷониби судҳо парвандаҳои ҷиноятии мазкур асосан тибқи

талаботи қонунҳои амалкунанда баррасӣ ва қарорҳои судии асоснок ва қонунӣ қабул гардидааст.

Дар баробари ин муайян гардид, ки дар бархе мавридҳо маводи парвандаҳо ба пуррагӣ наомӯхта, ҳолатҳои кор ҳаматарафа насанҷида, ҳангоми баҳои ҳуқуқӣ додан ба далелҳо, бандубасти кирдори гунаҳгорон, интихоб ва таъини ҷазо, тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, аз ҷумла таҳияи қарорҳои судӣ ба камбудиҳо роҳ дода, ба муқаррароти меъёрҳои кодексҳои ҷиноятӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ», «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо», «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонугузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад» эътибори ҷиддӣ надода, баҳри бартараф кардани камбудиҳои мақомоти тафтиши пешакӣ чораандешӣ нашудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 146 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ фавран ба прокурор равон карда, ба аризадиҳанда хабар дода мешавад.

Аммо аз маводи парвандаҳои ҷиноятии омӯхташуда, бармеояд, ки дар баъзе мавридҳо аз ҷониби муфаттишон ин талаботи қонун иҷро карда нашудааст.

* Мисол, парвандаи ҷиноятӣ нисбати Қ.Қ.Т. бо моддаи 117 қисми 2 банди «а» КҶ аз ҷониби муфаттиши ШТ ВКД дар шаҳри В. 26 октябри соли 2020 оғоз карда шудааст.

Қарор дар бораи даъвогари гражданӣ эътироф кардани ҷабрдида М.Ф. таърихи рӯз, моҳ надорад. Ариза оиди даст кашидан аз ҳимоятгар дар ҳузури ӯ бояд тартиб дода шавад, аммо бе иштироки адвокат навишта шудааст. Инчунин, аз фикри айбдорӣ дида мешавад, ки он 31

декабри соли 2020 аз тарафи прокурор тасдиқ шудааст, аммо аз дастхати айбдоршаванда бармеояд, ки 30 декабри ҳамон сол фикри айбдории тасдиқношударо гирифтааст. Дар мурофиаи судӣ судшаванда Қ.Қ.Т. гӯё дар ҳузури адвокат даст кашида бошад, вале дар парванда ордери адвокат мавҷуд нест.

* Ба ҳамин монанд, парвандаи ҷиноятӣ нисбати Л.М.Х., ки бо моддаи 117 қисми 2 банди «в» КҶ 29 январи соли 2020 оғоз гардидааст.

Л.М.Х. 27 март, 13 апрел ва 1 сентябри соли 2020 дар асоси муноқишаи оилавӣ ҳамсараш Қ.Н.Ҳ-ро зери лату куб қарор дода, ҷароҳатҳои ҷисмонӣ расонидааст. Асоси муноқишаи онҳо дар он аст, ки шавҳараш бо дигар зан муносибатҳои ошиқона дошта, рӯирост дар назди ҳамсараш бо он зан суҳбат мекардааст.

Дар дастхати гирифтани фикри айбдорӣ таърихи рӯз моҳ мавҷуд нест.

* Инчунин, бо ҳукми суд аз 24 майи соли 2021 ба Л.М.Х. бо моддаи 117 қисми 2 банди «в» КҶ бо дастрасии моддаи 63 КҶ ба муҳлати як сол ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низоми пурзӯр таъин шудааст.

Мақомоти тафтишот ба Л.М.Х. бо моддаи 117 қисми 2 банди «в» КҶ барои азобу уқубати ҷисмонӣ ё руҳӣ бо роҳи лату кӯби мунтазам ё бо усули дигари зӯроварӣ, агар он боиси оқибатҳои дар моддаҳои 110 ва 111 ҳамин Кодекс зикршуда нагардида бошад, нисбати шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар вобастаи гунаҳгор аст, айб эълон кардааст.

Суд бошад кирдори номбурдаро бо моддаи мазкур барои азобу уқубати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бо роҳи лату кӯби мунтазам ё бо усули дигари зӯроварӣ, агар он боиси оқибатҳои дар моддаҳои 110 ва 111 ҳамин Кодекс

зикршуда нагардида бошад, нисбати шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар вобастаи гунаҳгор аст, банду баст кардааст, яъне аломатҳои бараъло ноболиғ ё шахсе, ки нотавон будани ӯ барои гунаҳгор аён аст, зиёдатӣ навиштааст. Чунин аломатҳо дар кирдори маҳкумшуда дида намешавад.

* Инчунин, парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории С.Х.М. бо моддаи 139 қисми 4 банди «а» КҶ 25 декабри соли 2020 ба суд ворид гардидааст. Дар дастхат сана, моҳ ва соли супоридани фикри айбдорӣ ба судшаванда мавҷуд нест.

Парвандаи ҷиноятӣ нисбати О.А.Э., Қ.А.А., С.И.Н., М.М.Г., Ҳ.Ф.Д. бо моддаи 164 КҶ , барои монеъ шудан ҷиҳати гирифтани маълумоти умумии ҳатмӣ ва Ш.А.А. бо моддаи 334 КҶ бо қарорҳои муфаттиши РТ КДАМ ҶТ оғоз карда шудааст.

Дастхатҳои фикри айбдорӣ бе таърихи рӯз, моҳ ва сол гирифта шудааст.

* Парвандаи ҷиноятӣ нисбати С.Ш.Т. бо моддаи 164 КҶ барои баррасӣ 11 феврали соли 2021 ба суди ноҳияи И. ирсол карда шуда, аммо дар парванда дастхат оиди супоридани фикри айбдорӣ мавҷуд нест. Судя дар қарораш аз 21 феврали соли 2021 дар бораи таъин кардани парванда ба маҷлиси судӣ навиштааст, ки нусхаи фикри айбдорӣ ба ӯ супорида шудааст. Аммо аз забонхати судшаванда дида мешавад, ки фикри айбдориро судя 3 марти соли 2021 ба ӯ супоридааст.

* Сардори шуъбаи назорати қонунҳои прокуратураи вилоят нисбати А.А.Ҳ. барои гирифтани таҳсилоти умумии писараш А.Ҳ.А., таваллудаш соли 2010 монеъ шуда, моҳи сентябри соли 2020 ҷиҳати гирифтани таълимоти ғайрирасмӣ ӯро ба ноҳияи Т. бурда, аз рӯи китобҳои динӣ таълим дода, 4 марти соли 2021 бо моддаи 164 КҶ паврвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, оиди оғози кори ҷиноятӣ

ӯро хабардор накарда, нусхаи қарорро ба вай насупоридааст.

Бо таъинот нисбати А.А.Ҳ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 татбиқ ва пешбурди парванда қатъ карда шудааст.

Муфаттиши прокуратураи шаҳри Х. 12 июни соли 2021 нисбати Т.О.И. барои дузанагӣ, яъне дар як вақт бо шаҳрванд Т.М., ки ақди никоҳи расмӣ дорад ва бо Д.Н. бо никоҳи динӣ якҷоя зиндагонӣ карда, хоҷагии умумӣ пеш бурдааст, парвандаи ҷиноятӣ оғоз намудааст.

Аммо муфаттиш дар қарори эълони айб нисбати Т.О.И. аломатҳои моддаи 170 КҶ серзанагӣ ё якчанд зан зиндагӣ кардан бо пешбарии хоҷагии умумиро нишон додааст.

Аз маводи парванда дида мешавад, ки Т.О.И. танҳо бо ду зан зиндагонӣ карда, хоҷагии умумӣ пеш бурдааст, яъне дар кирдори ӯ серзанагӣ ва ё бо якчанд зан зиндагонӣ кардан маҷуд нест, яъне аломатҳои мазкурро зиёдатӣ нисбати Т.О.И. айб эълон намудааст.

Суди марҳилаи якум бошад бо таъинот аз 17 сентябри соли 2021 пешбурди парвандаи ҷиноятиро нисбати ӯ бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 қатъ намуда, кирдори судшаванда бо кадом аломатҳои моддаи 170 КҶ айбдор аст, нишон надода, хатогии муфаттишро оиди дуруст банду баст кардани судшаванда ислоҳ накардааст.

* Ғайр аз ин, бо ҳукми суди шаҳри Х. аз 5 марти соли 2021 М.И.М. бо моддаи 164 КҶ барои монеъ шудан ҷиҳати гирифтани таълимоти умумӣ (асосӣ) нӯҳсола барои фарзандаш М.Р. ҷарима ба андозаи сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо 5800 сомонӣ ҷазо таъин карда шудааст.

Ҳукми мазкур 15 марти соли 2021 эътибори қонунӣ гирифта, 20 апрели соли 2021 барои иҷро ба Хадамоти иҷрои шаҳри Х. ирсол карда шудааст.

Судя бо таъиноти маҷлиси судӣ аз 18 октябри соли 2021 маҳкумшуда М.И-ро бо татбиқи сархати панҷуми моддаи 3 ҚҶТ «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 аз пардохти ҷарима озод кардааст. Аммо оиди таъиноти маҷлиси судӣ, ки 18 октябри соли 2021 бароварда шудааст, протоколи маҷлиси судӣ мавҷуд нест.

Ҳамзамон, суд пешниҳоди иҷрочиро дида баромада, пешниҳоди мазкурро қонеъ кардааст, вале дар парванда пешниҳоди мазкур вуҷуд надорад. Зиёда аз ин, иҷроварақа аз моҳи марти соли 2021 то моҳи октябри соли 2021 дар иҷроиш қарор дошт, лекин иҷрочӣ ягон маблағ ба фоидаи давлат нарӯёнидааст.

* Инчунин, бо ҳукми суди шаҳри Х. аз 3 марти соли 2021 А.Р.Д. бо моддаи 164 КҶ ба ҷазои ҷарима ба андозаи 120 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 7200 сомонӣ ба фоидаи давлат маҳкум шудааст.

Санаи 17 марти соли 2021 иҷроварақа барои иҷроиш ба иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Х. ирсол карда шудааст. Дар асоси пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Х. бо таъиноти судяи суди шаҳри Х. аз 28 майи соли 2021 муҳлати пардохти ҷарима то се моҳ дароз карда шудааст.

Бо таъиноти суди мазкур аз 11 октябри соли 2021 судя дар асоси банди 5 моддаи 3 ҚҶТ «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 маҳкумшударо аз пардохти ҷарима озод кардааст.

Гарчанде иҷроварақа оиди пардохти ҷарима муҳлати зиёд дар истеҳсолоти иҷрочӣ қарор дошт, аммо ягон маблағ барои пардохти ҷарима нарӯёнидааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки иҷрочӣ ба таври сунъӣ иҷрои

ҳукмро кашол дода, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф»-ро қабул кардааст.

Дар парванда пешниҳоди иҷрочӣ оиди дароз кардани муҳлати пардохти ҷарима ва татбиқи қонуни авф мавҷуд нест. Оиди таъинотҳои маҷлиси судӣ протокол маҷлиси судӣ тартиб дода нашудааст.

* Парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории Ҷ.М.Ю. бо моддаи 164 КҶ барои баррасӣ 29 июли соли 2021 ба суди шаҳри Х. ворид гардидааст. Судя парвандаро барои баррасӣ ба 25 августи соли 2021 таъин карда, 25 август, 6 сентябр ва 13 сентябри соли 2021 бинобар бе сабабҳои узрнок наомадани прокурор, ҷабрдида ва шоҳидон баррасии парвандаро ба рӯзҳои мазкур мавқуф гузошта, сипас 17 сентябри соли 2021 бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 пешбурди онро қатъ кардааст. Аммо дар қабати маводи парванда даъватномаи судӣ ва мактуб оиди баргузории мурофиаи судӣ мавҷуд нест.

* Ба ҳамин монанд, парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории Р.Х.Н., Р.Б.У., С.И.Ю. ва З.К.К. бо моддаи 168 КҶ ва С.К.И. бо моддаи 169 КҶ 23 июни соли 2021 ба суд ворид гардида, барои баррасӣ ба судя номнавис шудааст.

Судя парвандаро барои баррасӣ ба 14 июли соли 2021 таъин карда, бинобар бемории судшавандаҳо З.К. ва дигарон баррасии онро бо таъинот аз 15 июли соли 2021 боздошта, рӯзи 29 сентябри соли 2021 баррасии парвандаро идома додааст. Баррасии онро ба 1 октябри соли 2021 таъин карда, нисбати судшавандаҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 татбиқ карда шудааст.

* Бо ҳукми суди шаҳри Х. аз 15 июли соли 2021 М.Б.А. бо моддаҳои 170, 117 қисми 2 банди «в» КҶ бо дастрасии модаи 67 қисми 3 КҶ ба муҳлати 3 сол ҷазои

маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҷарима ба андозаи 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 60000 сомонӣ маҳкум шудааст.

Бо таъиноти марҳилаи кассатсионии суди вилоят аз 4 августи соли 2021 ҳукми суд дар қисми ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ тағйир дода шуда, нисбати ӯ моддаи 71 КҶ татбиқ карда шуда, 2 сол муҳлати санҷишӣ таъин карда шудааст.

Бо таъиноти судяи суди шаҳри Х. аз 4 ноябри соли 2021 дар асоси пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷрои шаҳри Х. нисбати М.Б.А. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 татбиқ карда шуда, ӯ аз ҷазо озод карда шудааст. Аммо дар парванда пешниҳоди иҷрочӣ мавҷуд нест.

* Муфаттиши ШТ РВКД дар вилоят ба Т.М.М. бо моддаҳои 117 қисми 1 ва 170 КҶ ҶТ барои он айб эълон кардааст, ки ба ғайри ҳамсари қонуниаш Т.Т.Қ. боз солҳои 2019-2020 бо М.Н.М. оилаи дуюм барпо карда, бо вай хоҷагии умумӣ пеш бурда, моҳҳои ноябр, декабри соли 2019, моҳҳои июн, июл, августи соли 2020 ӯро азобу укубати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бо роҳи лату кӯби мунтазам ё бо усули дигари зӯроварӣ, агар он боиси оқибатҳои дар моддаҳои 110 ва 111 ҳамин Кодекс зикршуда нагардидааст ва барои дузанагӣ ё серзанагӣ, яъне бо ду ё якчанд зан зиндагӣ кардан бо пешбарии хоҷагии умумӣ айб эълон кардааст.

Аз маводи парванда дида мешавад, ки М.Н.М. оилаи дуюми Т.М.М. буда, аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар вобастаи вай мебошад, ки ин аломати қисми 2 банди «в»-и моддаи 117 КҶ мебошад.

Инчунин, Т.М.М., М.Н.М-ро ҳамчун оилаи дуюм тибқи тартиби динӣ ба занӣ гирифта, ҷинояти дузанагиро содир кардааст, аммо тафтишоти пешакӣ кирдори ӯро бо

қисми 1 моддаи 117 банду баст карда, бо моддаи 170 КҶ бошад аломатҳои таркиби ҷиноятро ба монанди серзанагӣ ё якчанд зан зиндагӣ кардан зиёдатӣ айб эълон кардааст.

Суди марҳилаи якум бо ҳукм аз 8 апрели соли 2021 ба Т.М.М. дар асоси ин моддаҳо бо дастрасии қисми 2 моддаи 67 КҶ ҷазои ниҳоӣ як сол маҳрум сохтан аз озодӣ таъин ва дар асоси моддаи 71 КҶ як сол муҳлати санҷишӣ муқаррар кардааст.

Ҳангоми баррасии парванда суд ба он ҳолатҳое, ки М.Н.М. ҳамчун ҳамсари дуюми ӯ бо вай зиндагонии якҷоя карда, хоҷагии умумӣ пеш мебурданд ва аз ҷиҳати моддӣ ба вай тобеъ буд аҳамият надода, кирдори Т.М.М-ро бо қисми 1 моддаи 117 КҶ нодуруст банду баст кардааст, яъне хатогии мақомоти тафтишотро такрор кардааст.

Парванда 1 феврали соли 2021 ба суди мазкур ворид гардида ба судя номнавис шудааст, аммо суди марҳилаи якум 8 апрели соли 2021 ҳукм бароварда, кирдори ӯро дуруст ҳисобидааст.

* Ба ҳамин монанд, бо парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории Э.М.К., ки бо моддаҳои 117 қисми 2 банди «в» КҶ ва 170 КҶ гунаҳгор донистa маҳкум шудааст, дар қисмати эълони айб бо моддаи 170 КҶ ҳам аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва ҳам суди марҳилаи якум аломатҳои зиёдати айб эълонгардида хориҷ карда нашудаанд.

Қисми 4 моддаи 18 КҶ муқаррар кардааст, ки кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои вазнин эътироф мешаванд.

Банди “в” қисми 5 моддаи 58 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, ки барои шахсоне, ки бори аввал бо маҳрум сохтан аз озодӣ барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои

вазнин маҳкум шудаанд - дар колонияҳоиислоҳии дорои низоми пурзӯр таъин карда мешавад.

Аммо судяи суди ноҳияи Ф. аз 28 октябри соли 2021 Д.С.С-ро бо моддаи 117 қисми 2 банди «в» КҶ гунаҳгор дониста, бе дастрасии моддаи 63 КҶ ба муҳлати ду сол аз озодӣ дар колонияи ислоҳии низомаш умумӣ ҷазо таъин кардааст. Раводиди қисми 2 моддаи мазкур ҷазои маҳрумӣ аз озодиро аз се то ҳафт сол муқаррар кардааст.

Зиёда аз ин, парвандаи мазкур 7 сентябри соли 2021 ба дафтархонаи суд ворид гардида, ба судя номнавис шудааст. Судя бо қарор аз 20 сентябри соли 2021 баррасии парвандаро ба 24 сентябри соли 2021 таъин карда, мурофиаи судиро 28 октябри соли 2021 оғоз намуда, парвандаро ба таври соддакардашуда баррасӣ кардааст, аммо дар парванда дархости хаттии судшаванда ва ҷабрдида оиди ба таври соддакардашуда баррасӣ намудан мавҷуд нест.

Гарчанде ҷинояти мазкур ба категорияи ҷинояти дараҷаи вазнин дохил шавад ҳам, аммо суд дар ҳукмаш қайд кардааст, ки ҷинояти номбурда тибқи талаботи моддаи 18 КҶ ба категорияи дараҷаи миёна мансуб мебошад.

Тибқи талаботи моддаи 310 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати ба гуноҳаш иқрор шудани судшаванда, ки аз ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор нагирифтааст ва судро низ таҳти шубҳа намегузорад, суд, судя бо мувофиқаи тарафҳо баъди аз судшаванда муқаррар кардани он ки оё эътирофи ӯ маҷбурӣ нест, ҳуқуқ дорад, танҳо бо таҳқиқи далелҳое маҳдуд шавад, ки тарафҳо онҳоро зикр кардаанд ё тафтиши судиро хатмшуда эълон карда, ба музокираи судӣ гузарад.

Раисикунанда бояд ба тарафҳо фаҳмонад, ки даст кашидан аз таҳқиқи далелҳо боиси бо ин асосҳо

имконнопазир шудани арзи шикоят ё эътироз ба ҳукм мегардад.

Қоидаҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, инчунин дар ҳолатҳое ки ақаллан як нафар аз судшавандаҳо ба гуноҳи худ иқрор набошад, ва парвандаро дар ҳаққи ӯ барои пешбурди алоҳида ҷудо кардан имконнопазир бошад, татбиқ карда намешаванд.

Судя бархилофи меъёри ҳуқуқии дар боло зикргардида, парвандаро баррасӣ намуда, қарор қабул кардааст.

* Тибқи талаботи моддаҳои 247, 250 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор бояд дар муҳлати ҳафт шабонарӯз парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта, фикри айбдоркуниро тасдиқ карда, парвандаи ҷиноятиро ба суд аз рӯи тобеияти судӣ ирсол карда, ҳамзамон дар ин бора ба айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо хабар диҳад. Талаботи меъёрҳои дар боло зикршуда дар ҳолати зерин вайрон карда шудааст. Мисол, бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Х.Ш.Х. бо моддаҳои 117 қисми 1 ва 255 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фикри айбдоркунӣ 25 майи соли 2021 аз ҷониби муфаттиши ГТ ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи А. тартиб дода шуда, 06 октябри соли 2021, яъне пас аз 11 шабонарӯз прокурори ноҳияи А. онро тасдиқ карда, баъдан барои баррасӣ ба суди ноҳияи А. фиристодааст.

Ё ин ки бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ғ.Б.М. бо моддаи 109 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фикри айбдоркунӣ кай аз ҷониби муфаттиши прокуратураи шаҳри Т. тартиб дода шудааст, номаълум аст. 12 июли

соли 2021 прокурори шаҳри Т. онро тасдиқ кардааст ва парванда рӯзи 19 июли соли 2021 ба суди шаҳри Т. ворид гардидааст.

* Мисоли дигар, бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати З.Ҳ.Ф. бо моддаи 170 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фикри айбдоркунӣ аз ҷониби ёрдамчии калони прокурори шаҳри Ҳ. 18 феврали соли 2021 тартиб дода шуда, прокурори шаҳри Ҳ. 02 марти соли 2021, яъне пас аз 12 шабонарӯз онро тасдиқ карда, ба суди шаҳри Ҳ. ирсол намудааст.

Бархилофи талаботи моддаи 250 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фикри айбдоркунӣ ба айбдоршаванда З.Ҳ.Ф. супорида нашудааст.

Ҳамзамон, аз протоколи маҷлиси судӣ низ дида мешавад, ки фикри айбдоркунӣ ба З.Ҳ.Ф. супорида шуданаш аз ҷониби судя муайян карда нашудааст.

* Инчунин, бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ю.А.А. бо моддаи 117 қисми 2 банди «в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фикри айбдоркунӣ аз ҷониби муфаттиши ГТ ШВКД-и ноҳияи Д. 04 марти соли 2021 тартиб дода шуда, прокурори ноҳияи Д. 16 марти соли 2021 (пас аз 12 шабонарӯз) онро тасдиқ карда, 16 марти соли 2021 парванда ба суд бо ирсол шуда бошад ҳам, 30 марти соли 2021, яъне пас аз 14 шабонарӯз ба суд ворид шудааст.

* Таҳлили маводи парвандаи ҷиноятӣ нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо мақомоти тафтиши пешакӣ ва судяҳо талаботи моддаи 250 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба айбдоршавандагон супоридани фикри айбдоркуниро вайрон намудаанд.

Дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ шудааст, ки Ҳ.А.Ҳ. фикри айбдориро 11 феврали соли 2021 гирифтааст, вале аз забонхати номбурда дида мешавад, ки санаи гирифтани он номаълум аст.

Аз протоколи маҷлиси судӣ бармеояд, ки дар он саҳван «раисикунанда маҷлиси судиро кушода парвандаи ҷиноятӣ нисбати Г.Д.Ш. бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои «а,в,г» КҶ ҶТ баррасӣ мешавад» дарҷ гардидааст, бояд Ҳ.А.Ҳ. бо моддаи 164 КҶ ҶТ навишта мешуд. Ғайр аз ин, дар музокираҳои судӣ тарафҳо луқмапартоӣ доранд ё не, аз ҷониби раисикунандаи парванда муайян карда нашудааст.

* Чунин камбудиҳо бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.О.Қ. бо моддаи 111 қисми 1 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад. Аз забонхати судшаванда М.О.Қ. дида мешавад, ки фикри айбдориро аз муфаттиши ШВКД дар ноҳияи Ш. гирифтааст, вале санаи гирифтани он номаълум аст.

Инчунин, нусхаи қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ фавран ба прокурор равон ва ба аризадиҳанда хабар дода нашудааст, ки ин бархилофи талаботи қисми 2 моддаи 146 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба М.О.Қ. барои он айб эълон карда шудааст, ки ӯ 06 апрели соли 2021 дар хонаи истиқоматиаш, воқеъ дар ноҳияи Ш., Ҷамоати деҳоти В., деҳаи Ш. бо ҳамсараш А.Г. ҷанҷол намуда, бо мушт ба сару рӯяш чор маротиба задааст. Дар натиҷа, ҷабрдида зарари миёна ба саломатӣ гирифта, ба беморхонаи вилоятии шаҳри Х. бистарӣ шудааст.

Аз протоколи маҷлиси судӣ бармеояд, ки раисикунандаи парванда саривақт супорида шудани фикри айбдориро ба судшаванда М.О.Қ. муайян накардааст. Инчунин, нусхаи ҳукм ба маҳкумшуда М.О.Қ., айбдоркунандаи давлатӣ И.Ф. ва ҷабрдида А.Г. супорида шуда бошад ҳам, таърихи рӯз нишон дода нашудааст.

* Тибқи талаботи моддаи 261 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор оид ба парвандаи ҷиноятии ба суд воридшуда бояд дар муҳлати на дертар аз чордаҳ

шабонарӯз аз лаҳзаи ба суд ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ қабул карда шавад.

Мутобиқи моддаи 271 Кодекси мазкур, баррасии парвандаи ҷиноятӣ бояд дар муҳлати на дертар аз чордаҳ шабонарӯз аз лаҳзаи баровардани қарори судя дар бораи таъин намудани маҷлиси суд, дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, дар муҳлати сӣ шабонарӯз дар маҷлиси суд оғоз карда шавад.

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ М.Ҷ.А-ро барои он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидааст, ки ӯ духтариноболиғаш Ш.Д. таваллудаш 22 марти соли 2004-ро, ки дар синни 16 солагӣ қарор дошт, ба М.М., сокини шаҳри Д, кӯчаи М.Қ., бинои 55/1, ҳуҷраи 18 аз рӯи расму оини динӣ ба шавҳар додааст.

Парвандаи ҷиноятӣ ба суд 22 апрели соли 2021 ворид ва барои баррасӣ ба судя вогузор шудааст. Бархилофи меъёрҳои дар боло зикршуда, бо таъиноти судя аз 21 майи соли 2021 баррасии парванда ба рӯзи 26 майи соли 2021, соати 14.00 таъин шудааст. Рӯзи 26 майи соли 2021 баррасии парванда, бинобар ҳозир нашудани намояндаи қонунии ҷабрдида ба рӯзи 02 июни соли 2021, соати 11.00 мавқуф гузошта шудааст. Дар маводи парванда оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда ба таври дахлдор огоҳ намудани намояндаи қонунии ҷабрдида ба рӯзи 26 майи соли 2021, соати 14.00 ягон далел ҷой надорад.

Бо таъиноти маҷлиси судӣ аз 03 июни соли 2021 пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.Ҷ.А. бо моддаи 168 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар сабаби пушаймонӣ аз кирдор бо татбиқи моддаи 72 КҶ қатъ ва ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудааст.

Аз протоколи маҷлиси судӣ бармеояд, ки шахсияти корманди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи

Ф., И.М.А. на ба ҳайси намояндаи қонунии ҷабрдида, балки ба сифати ҷабрдида муайян шудааст.

Ғайр аз ин, нусхаи таъиноти суд танҳо ба М.Ҷ.А. супорида шуда, ба намояндаи қонунии ҷабрдида, айбдоркунандаи давлатӣ супорида нашудааст.

Ҳолатҳои дар боло зикршуда, аз беаҳамиятӣ оид ба таъини парванда барои баррасӣ, вайрон кардани баррасии саривақтии парванда шаҳодат дода, бо ин талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дағалона вайрон карда шудааст.

* Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 386 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми суди марҳилаи якум пас аз гузаштани муҳлати овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ, ба шарте ки аз он шикоят ё ба он эътироз оварда нашуда бошад, эътибори қонунӣ пайдо мекунад ва бояд ба иҷро расонида шавад.

Бо ҳукми суди ноҳияи Ф. аз 23 апрели соли 2021 А.И.И. бо моддаи 170 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷазои ҷарима ба андозаи 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 60000 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Аз ҳукми мазкур бармеояд, ки А.И.И. бо М.С.Н. 12 сентябри соли 2001 аз рӯи расму оини динӣ оила барпо намуда, аз зиндагии якҷоя соҳиби 5 фарзанд гардидаанд. Тахминан моҳҳои май-июни соли 2013 А.И.И. боз бо Н.Ш.Р. аз рӯи расму оини динӣ оила барпо намуда, бо пешбурди хоҷагии умумӣ зиндагӣ намудааст. Ҳамин тавр, А.И.И. дар як вақт бо ду зан – М.С.Н. ва Н.Ш.Р. бо пешбурди хоҷагии умумӣ зиндагӣ кардааст.

Гарчанде, нусхаи ҳукм ба маҳкумшуда худи ҳамон рӯз супорида шуда бошад ҳам, барои иҷроиш ба Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ф. рӯзи 14 июни соли 2021 ирсол

шудааст, ҳол он ки ҳукми мазкур 04 майи соли 2021 эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

Тибқи маводи парванда доир ба ҳукм шикоят ё эътирози кассатсионӣ оварда нашуда, он 04 майи соли 2021 эътибори қонунӣ пайдо карда, барои иҷроиш бошад, пас аз як моҳу даҳ рӯз ба Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ф. фиристода шудааст.

Бо таъиноти судя аз 20 октябри соли 2021 пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ф. қонеъ, маҳкумшуда А.И.И. бо татбиқи банди 3 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 аз адои ҷаримаи таъиншуда озод карда шудааст.

Мутобиқи талаботи қисмҳои 1,2 моддаи 30 КИҶҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима аз ҷониби иҷрочии мақомоти иҷро дар маҳалли истиқомат, маҳалли ҷойгиршавии молу мулк, ҷои кори маҳкумшуда ё дар маҳалли аз ҷониби маҳкумшуда адо кардани ҷазои асосӣ ба амал бароварда мешавад.

Аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд маҳкумшуда бояд дар давоми шаст рӯз ҷаримаро пардозад.

Бархилофи талаботи меъёри мазкур, ҳолати боло аз он шаҳодат медиҳад, ки аз маводи парванда маълум нест, ки судя барои иҷрои ҳукм аз 04 майи соли 2021 то 14 июни соли 2021, яъне муддати 40 рӯз ягон чора надидааст. Инчунин, иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ф. бо кадом асос ҳукми мазкурро аз 14 июни соли 2021 то 20 октябри соли 2021 ба иҷро нарасонидааст, ягон асос дида намешавад. Ҳамзамон, аз тарафи суди марҳилаи якум ба Хадамоти иҷро хотиррасонӣ низ фиристода нашудааст.

Ҳамин тавр, муайян гардид, ки дар ҳолати мазкур низ иҷроварақа оиди пардохти ҷарима муҳлати зиёд дар истеҳсолоти иҷрочии Хадамоти иҷро қарор дошта бошад ҳам, аммо ягон маблағ барои пардохти ҷарима рӯёнида

нашудааст. Шаҳодати он аст, ки иҷрочии Хадамоти иҷро ба таври сунъӣ иҷрои ҳукмро кашол дода, ба фоидаи давлат то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» ягон маблағ нарӯёнидааст.

* Мисоли дигар, Б.Қ.А. барои он гунаҳгор ва маҳкум шудааст, ки ӯ ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосӣ ба фарзандаш Б.Ҷ., таваллудаш 21 октябри соли 2007 монеъ шудааст.

Бо ҳукми суди шаҳри К. аз 13 апрели соли 2021 Б.Қ.А. бо моддаи 164 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷазои ҷарима ба андозаи 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 60000 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Гарчанде, нусхаи ҳукм барои иҷроиш ба Хадамоти иҷро дар шаҳри К. рӯзи 26 апрели соли 2021, яъне саривақт ирсол шуда бошад ҳам, оид ба иҷроиши ҷазои ҷарима дар маводи парванда ягон маълумот ҷой надорад.

Аз мактуби Хадамоти иҷро дар шаҳри К. аз 16 июли соли 2021, №1022/3 бармеояд, ки ба суди шаҳри К. варақаи иҷро оиди рӯёнидани ҷарима аз ҳисоби Б.Қ.А. дар асоси таъиноти маҷлиси судӣ аз 10 июни соли 2021 баргардонида шудааст.

Тибқи мактуби Нозироти корҳои ислоҳӣ дар вилоят аз 13 июли соли 2021, №4594 таъиноти суди шаҳри К. аз 30 июни соли 2021 нисбати маҳкумшуда Б.Қ.А. барои иҷроиш ворид гардид ва мавриди иҷроиш қарор дорад.

Дар маводи парванда таъиноти маҷлиси судӣ аз 10 июни соли 2021 ва таъиноти суди шаҳри К. аз 30 июни соли 2021, эҳтимол оиди иваз намудани ҷазои ҷарима бошад умуман ҷой надорад. Ҳолати мазкур аз беэътиноии судя вобаста ба иҷрои санади қабулнамудаи суд шаҳодат медиҳад.

* Ҳолати иҷро нагардидани ҷазои таъиншуда дар намуди ҷарима бо парвандаи ҷиноятӣ нисбати Г.О.С. низ дида мешавад.

Г.О.С. барои он гунаҳгор ва маҳкум шудааст, ки ӯ қасдан фарзандаш Г.Ш.О., таваллудаш 04 августи соли 2004-ро аз таҳсил ва гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосӣ маҳрум кардааст.

Чунончӣ, бо ҳукми суди ноҳияи Фирдавсӣ аз 05 апрели соли 2021 Г.О.С. бо моддаи 164 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ дар асоси ин модда бо дастрасии моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ҷарима ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 6000 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Гарчанде, нусхаи ҳукм барои иҷроиш ба Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ф. рӯзи 16 апрели соли 2021, яъне саривақт ирсол шуда бошад ҳам, суд ба Хадамоти иҷро ягон хотиррасонӣ нафиристодааст.

Бо таъиноти судя аз 25 ноябри соли 2021 пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи М. қонеъ, маҳкумшуда Г.О.С. бо татбиқи банди 3 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021, таҳти №1803 аз адои ҷаримаи бо ҳукми мазкур таъиншуда озод карда шудааст.

Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ф. бо кадом асос ҳукми мазкурро аз 16 апрели соли 2021 то 25 ноябри соли 2021 ба иҷро нарасонидааст, ягон асос дида намешавад. Ҳамзамон, аз тарафи суди марҳилаи якум дар муҳлати зиёда аз панҷ моҳ ба Хадамоти иҷро ягон хотиррасонӣ низ фиристода нашудааст.

* Бо ҳукми суди ноҳияи Ф. аз 16 марти соли 2021 А.Ш.Ф. бо моддаи 164 КҶ бо дастрасии модаи 63 КҶ ба

ҷазои ҷарима ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 6000 сомонӣ маҳкум шудааст.

Парвандаи мазкур аз ҷониби судя ба таври соддакардашуда баррасӣ шудааст. Дар маводи парванда дархости хаттии судшаванда мавҷуд буда, вале дархости хаттии ҷабрдида оиди ба таври соддакардашуда баррасӣ намудани он ҷой надорад.

Бо таъиноти судяи суди ноҳияи Ф. аз 29 июни соли 2021 дар асоси пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи В. ҷазои таъиншудаи ҷарима ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муҳлати шаш моҳ, бо нигоҳ доштани 20%-и музди меҳнат иваз карда шудааст. Аммо дар маводи парванда пешниҳоди иҷрочӣ мавҷуд нест.

* Ё ин ки бо ҳукми суди шаҳри Т. аз 28 июли соли 2021 Б.У.А. бо моддаи 170 КҶ ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муҳлати 6 моҳ, бо нигоҳ доштани 15 %-и музди меҳнат ба фоидаи давлат маҳкум шудааст.

13 августи соли 2021 ба ШКИ РНКИ СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи ҳукм ва амри судӣ барои иҷроиш ирсол шудааст. Нисбати маҳкумшуда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 татбиқ нагардидааст.

* Мисоли дигар, бо ҳукми суди ноҳияи Р. аз 16 апрели соли 2021 С.Р.Р. бо моддаи 164 КҶ бо дастрасии модаи 63 КҶ ба ҷазои ҷарима ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 6000 сомонӣ маҳкум шудааст.

Бо таъиноти судя аз 03 октябри соли 2021 пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. қонеъ, маҳкумшуда С.Р.Р. бо татбиқи банди 5 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 аз адои ҷаримаи таъиншуда озод карда шудааст.

Нусхаи ҳукм барои иҷроиш ба Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. рӯзи 27 апрели соли 2021 аз рӯи мактуби содиротӣ ирсол шуда бошад ҳам, 03 июни соли 2021 қабул шудааст. Аз 27 апрели соли 2021 то моҳи октябри соли 2021 ҷарима пардохт нашудааст. Аз ҷониби судя вобаста ба иҷроиши ҳукми мазкур ба Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. умуман хотиррасонӣ низ ирсол нагардидааст. Ҳамзамон, дар маводи парванда пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. ҷой надорад.

Инчунин, бо ҳукми суди ноҳияи Р. аз 14 июни соли 2021 Х.Р.М. бо моддаи 164 КҶ бо дастрасии модаи 63 КҶ ба ҷазои ҷарима ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 6000 сомонӣ маҳкум шудааст.

Нусхаи ҳукм барои иҷроиш ба Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. рӯзи 25 июни соли 2021 ирсол шуда шудааст.

Бо таъиноти судя аз 06 октябри соли 2021 пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. қонеъ, маҳкумшуда Х.Р.М. бо татбиқи банди 5 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 аз адои ҷаримаи таъиншуда озод карда шудааст.

Аз 25 июни соли 2021 то 06 октябри соли 2021 ҷарима пардохт нашудааст. Аз ҷониби судя вобаста ба иҷроиши ҳукми мазкур ба Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. умуман хотиррасонӣ низ ирсол нагардидааст. Ҳамзамон, дар маводи парванда пешниҳоди иҷроҷии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Р. ҷой надорад.

* Бо ҳукми суди шаҳри Б. аз 05 августи соли 2021 П.Д.А. бо моддаи 164 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба ҷазои ҷарима ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 60000 сомонӣ маҳкум шудааст.

Аз протоколи маҷлиси судӣ дида мешавад, ки маҷлиси судӣ рӯзи 27 июли соли 2021, соати 10.00

баргузор шудааст, вале ҳукми суд аз 05 августи соли 2021 бароварда шудааст.

Тибқи қарор дар бораи таъини парванда ба маҷлиси судӣ аз 28 июли соли 2021 баррасии парвандаи мазкур ба рӯзи 05 августи соли 2021, соати 10.00 таъин карда шудааст.

Мувофиқи маводи парванда нусхаи ҳукми суди шаҳри Б. аз 05 августи соли 2021 ба Хадамоти иҷро дар шаҳри Б. рӯзи 17 августи соли 2021 барои иҷро ирсол шудааст.

Аз мактуби иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Б. аз 20 январи соли 2022, таҳти 246 бармеояд, ки варақаи иҷро, бинобар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 дар асоси таъиноти суд аз 04 октябри соли 2021 бозпас баргардонида, варақаи иҷро ва нусхаи таъинотро замима намудааст.

Ба маводи парванда аз ҷониби судя таъиноти суд аз 04 октябри соли 2021, ки тибқи он пешниҳоди иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Б. қонеъ ва П.Д.А. бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 7 сентябри соли 2021 аз адои ҷазои ҷарима озод шудааст ва пешниҳоди иҷрочӣ замима карда нашудааст.

Ҳолати дар маводи парванда ҷой надоштани пешниҳоди иҷрочӣ дар маводи парвандаи ҷиноятӣ нисбати И.Б.К. дида мешавад.

* Бо ҳукми суди шаҳри Ҳ. аз 10 июни соли 2021 И.Б.К. бо моддаи 174 КҶ ба андозаи 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 12000 сомонӣ ба фоидаи давлат ҷарима карда шудааст.

24 июни соли 2021 иҷроварақа барои иҷроиш ба иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Ҳ. ирсол карда шуда, бо пешниҳоди иҷрочӣ бо таъиноти судяи суди ҳамин шаҳр дар асоси банди 5 моддаи 3 ҚҶТ «Дар бораи авф» аз

7 сентябри соли 2021 И.Б.К. аз пардохти ҷарима озод кардааст.

Гарчанде иҷроварақа оиди пардохти ҷарима аз 24 июни соли 2021 дар истеҳсолоти иҷрочӣ қарор дошт, аммо ягон маблағ барои пардохти ҷарима нарӯёнидааст. Дар парванда пешниҳоди иҷрочӣ оиди татбиқи қонуни авф мавҷуд нест.

* Бо ҳукми суди шаҳри Ҳ. аз 11 майи соли 2021 А.М.С. бо моддаи 164 КҶ бо дастрасии модаи 63 КҶ ба ҷазои ҷарима ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 6000 сомонӣ маҳкум шудааст.

11 майи соли 2021 варақаи иҷро барои иҷроиш ба иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Ҳ. ирсол карда шудааст. Дар маводи парванда ягон асос оиди иҷроиш ё аз адои ҷазо озод карда шудани маҳкумшуда ҷой надорад. Аз ҷониби судя оид ба иҷроиши санади судӣ ягон чораҷӯӣ карда нашудааст .

Ҳолатҳои дар боло зикршуда аз беэътиноӣ вобаста ба иҷроиши санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда шаҳодат медиҳад. Зеро, тибқи талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳукми суди марҳилаи якум, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, бояд ба иҷро расонида шавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила аз 19 марти соли 2013 ҳар як шахсро ухдадор менамояд, ки масъулиятро ҳис намуда, қонунро риоя намояд. Инчунин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор шудааст, ки риояи қонунгузориро дар ин соҳа назорат бурда, нисбати шахсони вайронкунандаи талаботи қонун чораҳо дида, ҷабрдидагонро ҳимоя намоянд. Пешгирии содиршавии ҷиноят яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа буда, судҳо баҳри пешгирии ин кирдорҳо бо шаҳрвандон суҳбату вохӯриҳо мегузаронанд. Зеро кирдори зӯроварӣ

дар оила ба ҷомеа, давлат таъсири манфӣ расонида, боиси поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои ҷабрдида мегардад.

Зӯроварӣ дар оила зуҳуроти хатарноки ҷамъиятӣ мебошад, чунки он дар навбати аввал ҳуқуқи конститутсионӣ ва озодиҳои занон, кӯдакон ва дигар аъзоёни оиларо поймол менамояд. Бо ҳамин сабаб ҳам муҳофизати шаҳрвандон аз зӯроварии оилавӣ ҳалли як қатор масъалаҳои-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ташкилӣ, иҷтимои-иқтисодӣ, тиббӣ ва ғайраро тақозо менамояд.

Тибқи талаботи моддаи 42 КМҶ ҶТ ҷабрдида шахсест, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шуда, ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст.

* Бо ҳукми суди вилоят 24 майи соли 2021 ноболиғ А.А.А. таваллудаш 31 марти соли 2006 бо моддаи 138 қисми 3 банди «а» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор ва бо дастрасии моддаи 87 қисми 6 КҶ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ сол, бо адо кардани ҷазо дар колонияи тарбиявии дорои низоми умумӣ таъин карда шудааст.

Мисоли мазкур ва дигар ҷиноятҳои содиршуда аз қабили ин аз ба таври дахлдор риоя нашудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд шаҳодат медиҳад.

Дар ин ҷода, бояд тарғибу ташвиқоти қонуни мазкур дар ҷомеа ба таври зарурӣ бояд ба роҳ монда шавад, зеро масъалаи тарбияи дурусти насли наврас барои ояндаи ҷомеа, пешгирии содир шудани ҷиноятҳо зарур аст.

Омӯзиши парвандаҳои категорияи мазкур собит сохт, ки бештари ҷабрдидаҳо аз ҷиҳати надоштани дониши ҳуқуқӣ ё ҳолати оҷизӣ, ҳимоя карда натавонистани худ ё аз ягон ҷиҳат тобеи зӯровар мебошанд. Бештар аз 99%

ҷабрдидаҳо барои рӯёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ муроҷиат наменамоянд, ки ин аз надонистани қонун ва бархурдор набудан аз ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо шаҳодат медиҳад.

Дар пешгирии содир шудани ин ҷиноятҳо бояд мақомотҳои давлатӣ, шахсони мансабдор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, хулоса аҳли ҷомеа бояд бетараф набошанд. Баррасии саривақтии парвандаҳо, қабули қарорҳои қонуниву асоснок ва иҷрои санадҳои судӣ баҳри барқарор намудани ҳуқуқҳои ҷабрдида мусоидат менамояд. Ҳамзамон бояд махфияти шахсияти иштирокчиёни ин мурофиаи судии ҷиноятӣ кафолат дода шуда, бештари парвандаҳо вобаста ба ҳолатҳои мушаххас дар маҷлисҳои пӯшидаи судӣ баррасӣ гарданд.

Баҳри бартараф кардани камбудиҳои дар натиҷаи гузаронидани омӯзиш ва ҷамъбасти амалияи судӣ марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила ошкоргардида,-

**ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАД:**

Ҷамъбастии мазкур дар машғулияти семинарии судяҳои судҳои ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор дода шавад.

Баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, дуруст татбиқ намудани қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ, таъини ҷазои қонуниву одилона таъмин карда шавад.

Сифати баровардани таъинотҳои хусусӣ ва корҳои тарғиботию ташвиқотӣ беҳтар карда шуда, назорати таъмини иҷроиши таъинотҳои хусусии баровардашуда ба таври дахлдор ба роҳ монда шавад.

Иҷроиши ҷаримаҳои бо ҳукми суд таъингардида тибқи талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад.

Омӯзиши КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва дигар қонунҳо аз ҷониби судяҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монда шавад.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ**

**ҶАМЪБАСТИ**
**сабабҳои тағйирёбӣ ва бекоршавии санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ дар соли 2022**

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 вобаста ба таҳлили сабабҳои тағйирёбӣ, бекоршавии санадҳои судӣ ва таҷрибаи баррасии парвандаҳои оилавӣ, ки дар судҳои ҷумҳурӣ дар давраи соли 2022 баррасӣ шудаанд, ҷамъбастӣ гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани ҷамъбастии мазкур таҳлил намудани сабабҳои бекоршавии санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ дар давраи зикргардида ва додани тавсияҳои муфид ба судяҳо баҳри дар оянда пешгирӣ намудани татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ, ки сабаби бекоршавии санадҳои судӣ гардидаанд, мебошад.

Дар давраи соли 2022 ҳамагӣ 7 адад ҳалномаҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ, ки аз тарафи судҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардида буданд, ба тариқи кассатсионӣ дар коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олӣ бекор карда шудаанд.

Дар давраи зикршуда ҳамагӣ 20 адад санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ба тариқи назоратӣ дар коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олӣ бекор карда шудаанд.

Инчунин, дар ин давра дар Раёсати Суди Олӣ 1 санади судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ бекор карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши парвандаҳо муайян гардид, ки санадҳои қабулнамудаи судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо тартиби кассатсионию назоратӣ бо асосҳои дар моддаҳои 351 ва 376 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон

пешбинишуда, яъне бинобар сабаби нодуруст муайян кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, исбот нагардидани ҳолатҳои муайяннамудаи суди марҳилаи якум, ки барои парванда зарур мебошанд, номутобиқатии хулосаи суди марҳилаи якум вобаста ба ҳолатҳои парванда, ки дар ҳалнома дарҷ гардидаанд, вайрон кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ё мурофиавӣ бекор карда шудаанд.

Масалан: Бо қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2022 ҳалномаи суди ноҳияи Р. аз 10 декабри соли 2021 вобаста ба парвандаи оилавӣ бо даъвои С.Х.Н., С.М. ва дигарон ба ҷавобгарии Ҳ.А.С., ҶДММ «М.», ҶДММ «Ф.» ва дигарон дар бораи бартараф намудани монеагӣ ва баргардонидани молу мулки меросӣ, аз истифодабарандаи ғайриқонунӣ талаб карда гирифтани молу мулк ва баргардонидани он, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳои толори савдо ва бартараф кардани сохтмони ғайриқонунии сохташуда ва даъвои муқобили даъвои Ҳ.А.С. бо ҷавобгарии С.Х. ва дигарон дар бораи беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯш, басташуда эътироф намудани шартномаи хариду фурӯш ва эътироф намудани ҳуқуқи соҳибмулкӣ бекор карда шудааст.

Ҳалномаи зикршуда бекор карда шуда, аз ҷониби коллегияи судӣ ҳалномаи нав қабул карда шудааст.

Дар баррасии парванда новобаста аз он, ки ҷавобгар ҶДММ мебошад, суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаи мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд»-ро, ки ҳолати ҳуқуқии ҶДММ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни онро муайян менамояд, дар халли баҳс татбиқ накарда, онро мадди назар кардааст, ки боиси қабул шудани ҳалномаи нодуруст гардидааст.

Ё ин ки, бо қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2022 ҳалномаи суди шаҳри Д. аз 14 марти соли 2022 аз рӯи парвандаи оилавӣ бо даъвои О.С. ба ҷавобгарии М.М. дар бораи моликияти муштарак эътироф намудани манзили истиқоматӣ ва тақсими он, бекор карда шудааст. Суди марҳилаи якум даъвои зикршударо пурра рад намудааст.

Суди марҳилаи якум танҳо як талаботи пешниҳоднамуда дар бораи тақсими молияти муштаракро баррасӣ намуда, талаботи дигари даъворо оид ба эътирофи моликияти зану шавҳар ҳал накардааст. Зиёда аз ин, дар таъиноти қабули аризаи даъвогӣ ва таъиноти омодасозӣ талаботи мазкурро дарҷ накарда, вобаста ба ин масъала омодасозӣ низ нагузаронидааст. Суд ҳалномаро дар асоси баёноти ҷавобгар, нишондоди шоҳидон қабул карда, ба далелҳои хаттӣ баҳои ҳуқуқӣ надодааст.

Ҳамзамон, бо ҳалномаи суди ноҳияи Р. аз 29 марти соли 2022 даъвои А.Р., А.Н. ва дигарон нисбат ба А.Г. дар бораи ба тариқи асл тақсим намудани ҳисса аз молу мулки меросӣ бо муайян кардани қитъаи замин рад карда шуда, аризаи муқобили даъвои А.Г. нисбат ба А.Р. дар бораи ба тариқи асл муайян намудани ҳиссаи меросӣ ва вазифадор намудан оид ба пардохт намудани ҷубронпулии ҳиссаи меросӣ қонеъ карда шудааст.

Тавре аз аризаи даъвоӣ бармеояд, аризаро А.С. аз номи А.Р. имзо карда, ба суд пешниҳод кардааст. Аз маводи дар қабати парвандабуда муайян гардидааст, ки ваколатномаи аз номи А.Р. ба номи А.С. додашуда дар қабати парванда вуҷуд надорад.

Суди марҳилаи якум бархилофи қисми 1 моддаи 55 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, аризаи даъвоии пешниҳодшударо қабул ва баррасӣ намудааст.

Илова бар ин, судя муқаррароти моддаи 150 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба он ки омодасозии парванда нисбат ба ҳар як парвандаи гражданӣ ҳатмӣ буда, он бо иштироки шахсони иштирокчии парванда ва намояндагони онҳо анҷом дода мешавад, сарфи назар намуда, вобаста ба аризаи муқобили даъво таъинот дар хусуси гузаронидани амалиёти омодасозӣ қабул накарда, нусхаи аризаи даъвоии муқобили даъво ва далелҳои ба он замимашударо ба А.Р. насупоридааст.

Ҳамзамон, судя парвандаро ба муҳокимаи судӣ омодашуда эътироф намуда, парвандаро ба муҳокимаи судӣ таъин кардааст, вале дар қабати парванда таъинот оид ба таъини парванда ба муҳокимаи судӣ ҷо надорад.

Суди марҳилаи якум бархилофи талаботи қисми 3 моддаи 198 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи он ки ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад, амал карда, ҳиссаи меросии тарафҳоро аз манзили истиқоматии меросӣ бо тариқи асл ва бо маблағи пулӣ муайян намудааст, ҳол он ки ягон нафар аз меросхӯрон бо маблағи пулӣ муайян намудани ҳиссаашонро талаб накардаанд.

Илова бар ин, судя ба хулосаи экспертиза дар маҷмуъ бо далелҳои дигар баҳои ҳуқуқӣ надода, танҳо баёноти ҷавобгар А.Г.-ро ба асос гирифта, аризаи даъвоии пешниҳодшударо рад кардааст.

Бо назардошти хатоиҳои суди марҳилаи якум коллегияи судӣ оид ба парвандҳои оилавии Суди Олӣ дар асоси қарори кассатсионӣ аз 22 сентябри соли 2022 ҳалномаи суди ноҳияи Р. аз 29 марти соли 2022-ро вобаста ба парвандаи зикршуда бекор карда, барои баррасии нав ба ҳамон суд, ба ҳайати дигар фиристонидааст.

Мисоли дигар, бо ҳалномаи суди шаҳри Ҳ. аз 20 апрели соли 2022 даъвои Г.Ҷ. нисбат ба Р.А. оид ба

беэътибор донистани шартномаи мубодилаи манзили истиқоматӣ бо квартира, аъзои оилаи молик эътироф намудан, маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ва ба қайди манзили истиқоматӣ гузоштан рад карда шудааст.

Суди марҳилаи якум ҳангоми рад намудани даъво талаботи моддаҳои 601, 588, 496 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро мадди назар карда, ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муайян накарда, бармаҳал ҳалнома қабул намудааст.

Бинобар ин, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олӣ аз 22 сентябри соли 2022 ҳалнома бекор карда шуда, парванда барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд аз ҷониби дигар судя ирсол карда шудааст.

Мисоли дигар, бо қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2022 ҳалномаи суди ноҳияи Ф. аз санаи 4 феврали соли 2022 бо даъвои А.О.Ҷ. нисбат ба А.П.Ҷ. дар бораи бартараф намудани монеагӣ ва тақсим кардани ҳиссаи меросӣ аз манзили истиқоматӣ бекор карда шудааст.

Бо ҳалномаи мазкур даъвои А.О.Ҷ. қонеъ карда шудааст.

Ҳалномаи мазкур бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди вилоят аз санаи 12 апрели соли 2022 бетағйир ва шикояти кассатсионии ҷавобгар А.П.Ҷ. беқаноат мононда шудааст.

Суди марҳилаи якум даъвои А.О. нисбат ба А.П. дар бораи бартараф намудани монеагиро ҳал карда, амволи меросиро танҳо байни ду нафар меросхур тақсим карда, мавҷуд будани ҳиссаҳои дигар меросхуронро дар манзили мазкур мавриди муҳокима қарор надодааст.

Ҳамзамон ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ бархилофи талаботи сархати 3 моддаи 151 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, чор нафар меросхурони дигарро ба баррасии парвандаи мазкур ҳамчун тараф ҷалб накардааст.

Марҳилаи кассатсионии суди вилоят бошад бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта ҳалномаро бармаҳал бетағйир монондааст, ки сабаби бекор шудани қарори кассатсионӣ гаштааст.

Ҳамин тариқ, аз ҷониби судҳои марҳилаи якум ва кассатсионӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ оид ба парвандаи мазкур меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ва моддӣ ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудаанд, ки ин боиси баровардани санадҳои судии ғайриқонунӣ ва асос барои бо тартиби назоратӣ бекор кардани санадҳои судӣ гаштааст.

Мисоли дигар, бо қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2022 ҳалномаи суди ноҳияи И. аз 17 июни соли 2021 ва қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди шаҳр аз 8 сентябри соли 2021 вобаста ба парвандаи оилавӣ бо даъвои М.М. ба ҷавобгарии М.А. дар бораи моликияти муштараки зану шавҳар эътироф намудани манзили истиқоматӣ, тақсим намудани моликияти муштараки зану шавҳар ва муайян намудани ҳисса, аризаи даъвоии муқобили даъвои М.А. нисбат ба М.М. оид ба эътироф намудани моликияти муштараки манзили истиқоматӣ ва бо ҳиссаҳои баробар ҷудо кардани ҳисса, эътироф намудани моликияти муштарак маблағи пулӣ ва тақсим намудани он, аризаи даъвоии иловагии М.М. нисбат ба М.А. ва С.К. дар бораи беэътибор донистани ҳисобнома, шаҳодатномаи бақайдгирии воситаи нақлиёт, моликияти муштарак эътироф намудани автомашина, муайян намудани ҳисса ва

тақсими маблағи арзиши автомашина бо назардошти манфиати фарзанди ноболиғ, аризаи даъвоии муқобили даъвои С.К. нисбат ба М.Д., М.М. дар бораи харидори (бадастоварандаи) бовиҷдон эътироф намудан бекор карда шудааст.

Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди шаҳри Д. аз 8 сентябри соли 2021 ҳалномаи мазкур бетағйир мононда шудааст.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шикояти назоратии М.А.Р. эътирози назоратӣ оварда, масъалаи бекор кардани санадҳои судиро бинобар ба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ гузоштааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 56 қисми 2 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи намоянда барои имзои аризаи даъвоӣ, пешниҳоди он ба суд, супоридани парванда ба суди ҳакамӣ, пешниҳоди даъвои муқобили даъво, пурра ё қисман даст кашидан аз талаботи даъво, кам кардани андозаи онҳо, эътироф намудани даъво, тағйир додани мавзӯъ ё асоси даъво, бастани созиши оштӣ, ба шахси дигар вогузоштани ваколат, шикоят овардан ба санади суд, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро ҷиҳати ситонидан, гирифтани молу мулк ё пули ба фоидаи ӯ гузаронидашуда бояд дар ваколатномае, ки ваколатдиҳанда додааст, зикр гардад.

Аз маводи парвандаи оилавӣ бармеояд, ки намояндаи ваколатдори М.М.М. – О.М.Х. дар асоси ваколатнома, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. ба қайд гирифта шудааст, аз ном ва ба манфиати М.М.М. як қатор амалҳоро анҷом дода, ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро пеш мебарад.

Дар баробари ин, дар ваколатнома ба номбурда ҳуқуқи зиёд намудани андозаи даъво дода шудааст.

Ба талаботи қонун нигоҳ накарда, суди марҳилаи

якум аризаи ӯро, ки тибқи моддаи 43 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, мутобиқи он андозаи талаботи даъво зиёд карда шудааст, ба истеҳсолоти судӣ қабул намуда, даъвои М.М.М. нисбати М.А.Р., С.К.Н.-ро дар қисми моликияти муштарак эътироф намудани автомашина, муайян намудани ҳисса ва тақсими маблағи арзиши автомашина қонеъ кардааст.

Дар сурате, ки мутобиқи талаботи моддаи 35 қисми 2 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҷониби зан ё шавҳар анҷом додани муомилоти вобаста ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ чунин тасаввур мешавад, ки ӯ бо розигии ҳамсари худ амал мекунад.

Муомилоте, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ анҷом дода шудааст, аз ҷониби суд қисман бо сабаби мавҷуд набудани розигии ҳамсари дигар танҳо ҳангоме, ғайриқонунӣ эътироф мегардад, ки агар яке аз онҳо бо чунин талаб муроҷиат намояд ва танҳо дар сурати собит гардидани он, ки тарафи дигар аз муомилот огоҳ буд ё пешаки бояд норозӣ будани тарафи дигарро барои анҷом додани чунин муомилот медонист.

Аз қисми хулосавии ҳалнома бармеояд, ки даъвои М.М. дар қисми беэътибор донистани ҳисобнома, шаҳодатномаи бақайдгирии воситаи нақлиёти тамғаи «Хундай Соната» ва аризаи даъвоии муқобили даъвои С.К.Н. дар бораи бадастоварандаи бовиҷдон эътироф намудан рад карда шудааст.

Суди марҳилаи якум зимни ба чунин хулоса омадан талаботи қисми 3 моддаи 35 КО Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастрас намуда, танҳо бо он асос маблағи арзиши автомашинаи сабукрави тамгаи «Хундай Соната» 88 654 сомониро моликияти муштараки М.А.Р. ва М.М.М. эътироф карда, дар байни онҳо бо ҳиссаҳои баробар

тақсим кардааст, ки вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани воситаи нақлиёти мазкур розигии пешакии бо тариқи Идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи М.М.М. гирифта нашудааст.

Ҳол он, ки вобаста ба тариқи Идораи нотариалии давлатӣ хариду фурӯш шудани воситаи нақлиёти тамғаи «Хундай Соната» ягон далел, аз қабили шартномаи хариду фурӯш дар қабати маводи парванда мавҷуд нест.

Инчунин, дар рафти баррасии судии парванда якчанд шоҳидон пурсида шудаанд, вале суди марҳилаи якум, талаботи моддаи 63 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накарда, ба далелҳо баҳои дахлдори ҳуқуқӣ надода, хилофатҳоро бартараф накарда, бармаҳал ҳалнома қабул карда, даъвои М.М.М.-ро дар бораи моликияти муштараки зану шавҳар эътироф намудани манзили истиқоматӣ тақсим намудани моликияти муштараки зану шавҳар қонеъ кардааст.

Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 198 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалнома дар доираи талаботи пешниходнамудаи даъвогар қабул карда мешавад, вале суди марҳилаи якум ин талаботи қонунро аз мадди назар дур мондааст.

Аз маводи парванда бармеояд, ки М.А.Р. дар намояндагии Ҷ.М.К. доир ба эътироф кардани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Д., кӯчаи П., хонаи 16/6 ҳуҷраи №7 даъво пешниҳод кардааст. Суди марҳилаи якум вобаста бо ин талаби даъвои М.А.Р. кароре кабул накарда, онро мавриди мухокимаи судӣ низ қарор надодааст.

Суди марҳилаи кассатсионӣ бошад, ба камбудию хатоиҳои дар боло нишондодашудаи суди марҳилаи якум аҳамият надода, ҳалномаро бетағйир монондааст.

Мисоли дигар, суди ноҳияи С. аз 21 феврали соли

2022 даъвои Ҷ.С. дар шахсияти намояндаи ваколатдор А.Т. бо ҷавобгарии А.Ҳ. оид ба бекор кардани ақди никоҳро пурра қонеъ кардааст.

Бо қарори кассатсионии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди шаҳри Д. аз 16 марти соли 2022 ҳалномаи мазкур бекор карда шудааст.

Аз қисми асосноккунии ҳалнома дида мешавад, ки даъвогар Ҷ.С. бо ҷавобгар А.Ҳ.М. оила барпо намуда, аз зиндагонии якҷоя соҳиби 2 фарзанд шудаанд. Бинобар сабаби хиёнат кардан ва лату кӯб кардани ҷавобгар оилаи онҳо пош хӯрда, даъвогар дигар хоҳиши барқарор кардани муносибатҳои оилавиашро надорад. Ҳолатҳои мазкурро ба инобат гирифта, суди марҳилаи якум ақди никоҳи тарафҳоро бекор кардааст, вале суди марҳилаи кассатсионӣ бо он асос, ки дар вақти муҳлати оштишавӣ додаи суд ҷои будубоши даъвогар Ҷ.С. маълум набуда, ӯ фарзандонашро бе розигии ҷавобгар А.Ҳ. аз ҷумҳурӣ баровардааст ва ҷавобгар хоҳиши барқарор кардани оилаашро дорад, ҳалномаи суди марҳилаи якумро бекор кардааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 351 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалномаи моҳиятан дурусти суди марҳилаи якум наметавонад танҳо бо як фикру мулоҳизаи расмӣ бекор карда шавад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ бошад ҳалномаро беасос, танҳо бо як фикру мулоҳизаи расмӣ бекор намуда, ба назар нагирифтааст, ки тарафҳо муддати се сол умуман муносибати оилавӣ надоранд, ҷавобгар дар муҳлати оштишавӣ додаи суд ягон чора барои барқарор сохтани оилааш накардааст, даъвогар Ҷ.С. аз таҳдиди ҷавобгар А.Ҳ. тарсида, кӯдаконашро гирифта, аз ҷумҳурӣ баромада рафтааст, зеро ҷавобгар бо воситаи паёмакҳо дар ҳолати ба ҷумҳурӣ баргаштан туро мекушам гуён ба даъвогар

таҳдидҳо мекунад.

Мисоли дигар: бо ҳалномаи суди ноҳияи С. аз 14 декабри соли 2020 аризаи даъвоии О.Ш.Н. дар намояндагии О.Б. нисбат ба К.М. ва дигарон оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ қонеъ карда шуда, аризаи муқобили даъвои К.М.Н. нисбат ба О.Ш., К.Қ. ва дигарон дар бораи беэътибор донистани шартномаи ҳадя ва соҳибмулки манзили истиқоматӣ эътироф кардан рад карда шудаст.

Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди шаҳри Д. аз 9 июни соли 2021 ҳалномаи мазкур бетағйир мононда шудааст.

Бо таъиноти судяи Суди Олӣ аз 14 январи соли 2022 дар асоси шикояти назоратии К.М. нисбат ба санадҳои қабулшуда парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан ба суди марҳилаи назоратӣ ирсол карда шудааст.

Бо қарори назоратии Суди Олӣ аз 10 феврали соли 2022 ҳалномаи суди ноҳияи С. ва қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди шаҳри Д. бекор карда шудаанд.

Аз маводи парванда бармеояд, ки намояндаи ваколатдори О.Ш. – О.Б. бо имзои худ аризаи даъвоиро нисбат ба К.М. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ ба суд пешниҳод кардааст, ки ин амали намоянда бархилофи қисми 2 моддаи 56 КМГ мебошад, зеро дар ваколатномаи додаи О.Ш. ба К.М. ҳуқуқи имзои ариза ва пешниҳоди он дода нашудааст.

Аз ҷониби суди марҳилаи якум бошад ин ҳолат мадди назар карда шуда, вобаста ба талаботи меъёри мурофиавӣ масъалаи мазкур баҳогузорӣ карда нашудааст.

Инчунин, судя талаботи сархати чоруми қисми 1 моддаи 153 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарфи назар намуда, ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ

масъалаи ба баррасии парванда ҳамроҳ шудани ҳамдаъвогарон ва ҳамҷавобгаронро ҳал накарда, даъво дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматиро қонеъ намуда, К.М.Н.-ро бо аҳли оилааш аз манзили истиқоматӣ кӯчонидааст.

Илова бар ин, дар баррасии парвандаи қаблӣ бо ҳалномаи суди ноҳияи С. аз 27 ноябри соли 2013 ҳолате, ки солҳои 1993-1993 ба К.Қ. барои хонаи баҳсӣ маблағи пулӣ дода шуда, номбурда тӯли ин солҳо ягон маротиба дар ин хона зиндагонӣ накардааст, муайян шудааст. Суди марҳилаи якумро мебоист бо назардошти талаботи қисми 2 моддаи 64 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолате, ки бо ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи суди қаблан баррасигардида муқаррар шудааст, ҳатмӣ шуморида, рӯякӣ будан ё набудани шартномаи ҳадяро мавриди баҳодиҳӣ қарор медод.

Коллегияи кассатсионии суди шаҳри Д. ҳангоми баррасии парвандаи мазкур ба камбудиву норасогиҳои суди марҳилаи якум аҳамият надода, беасос ҳалномаи ғайриқонуниро бетағйир монондааст.

Аз омӯзиш ва таҳлили бекоршавии санадҳои судӣ мушоҳида карда шуд, ки дар баробари камбудиҳои дар боло ишорашуда, дар фаъолияти баъзе судяҳо бо сифати паст таҳия намудани санадҳои судӣ, риоя накардани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, беасос таҳия кардани ҳалномаҳои калонҳаҷми душворфаҳм ҷой доранд.

Қабули қарорҳои ғайриқонунии судҳо боиси вайрон гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва давлат шуда, ба харҷи маблағҳои зиёдатӣ, ташвишу саргардонии иштирокчиёни мурофиаи судӣ оварда мерасонад. Таъмин нагардидани талаботи қонун оид ба таъмин намудани адолати судӣ, саривақт иҷро нашудани санадҳои судӣ норозигии тарафҳои

манфиатдорро ба миён оварда, боиси коста шудани обрӯю эътибори ҳокимияти судӣ ва боварии ҷомеа нисбат ба судяҳо мегардад.

Аз ин рӯ зарур аст, ки дар машғулиятҳои семинарии судяҳо дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе нисбат ба судяҳое, ки санадҳои судии онҳо бекор карда шудаанд, чораҳои таъсирбахш татбиқ гардида, мавзуъҳои семинарӣ оид ба баҳсҳое, ки дар амалияи судӣ мураккабу баҳсталабанд дар рӯзномаҳои семинарӣ гузошта шаванд. Ҳамзамон, сифати гузаронидани семинарҳо беҳтар гардонида шуда, дигар чораҳо ҷиҳати тақвияти қонунияту адолати судӣ андешида шаванд.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои оилавии Суди Олӣ**

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 1, 2023

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Тураев Камол Мавлонович
Ҳуруфчӣ – Исмоилзода Шокирҷон Шариф

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 х84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «___________» чоп шудааст.